Дар меъёрҳои конститутсионӣ принсипҳои адолати судӣ оид ба баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва суд, эҳтимолияти бегуноҳии шахс, дахлнопазирии манзил, озодии шахс, мукотибот, таҳти ҳимояи судӣ қарор доштани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва танҳо дар асоси тартиби муқарраркардаи қонун ба амал бароварда шудани фаъолияти мурофиавии мақомоти давлатӣ пешбинӣ ва кафолат дода шудаанд [4, с. 33].

Ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон қисми ҷудонопазири сиёсати давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки бахри амали шудани он Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю кӯшиш намуда, барои таъмин намудани он механизмҳои ҳуқуқиро пайваста такмил медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ уҳдадор аст, ки ҳуқуқи ҳамаи шахсони дар ҳудуди он сукунатдоштаро қатъи назар аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, эътиқоди сиёсӣ ё ақидаи дигар, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молумулкӣ, таваллуд ё ҳолати дигар эҳтиром ва таъмин кунад; ба ҳар шахс воситаи пурсамари ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳоро таъмин намояд; таъмини ҳифзи ҳуқуқ барои ҳар шахс, ки ба он эҳтиёҷ дорад, тавассути ҳокимияти салоҳиятдори судӣ, иҷроия ё қонунбарор ё тавассути дигар мақомоти салоҳиятдоре, ки дар низоми ҳуқуқии

давлат пешбинӣ шудааст, сурат гирад ва он бояд имконияти ҳимояи судиро инкишоф диҳад; вақте ки воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод карда мешаванд, аз тарафи мақомоти салоҳиятдор татбиқи онҳоро таъмин намояд.

Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад [1].

Ин принсипҳои умумӣ эътирофгашта аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, мувофиқи он, ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад; ба ҷабрдида ҳифзи судӣ кафолат дода мешавад; ҷуброни зарари аз ҷиноят расидашуда. Яъне, ин принсипҳои умумиэътирофгашта се ҷабҳаҳои ҳаётан муҳими ҳифзи ҳуқуқ дар бар гирифтаанд, ки тибқи он барои ҷабрдида барқарор кардани зарари моддиро таъмин менамояд.

Ҳифз ва амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, агар дар Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ ва ифода наёфта бошанд, онҳо самти татбиқи худро гум мекунанд. Гузашта аз ин ҳолатҳое, ки дар Конститутсия оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инъикос ёфтаанд ва кафолат дода шудаанд, инкишофи худро дар қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқие, ки мақомоти давлатӣ қабул мекунанд, пайдо намуда, тартиби иҷроиши онҳо муайян карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки ин ҳолатҳо ба таври мушаххас дар моддаҳои қонуни асосӣ, инчунин дар қонунҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва гражданӣ муқаррар шудаанд.

Мувофиқи м. 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) ҷабрдида шахси воқеист, ки аз ҷиноят ба вай зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст, инчунин шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои он дар зери таҳдиди бевосита ё сӯиқасди ҷиноят қарор дорад. Инчунин ҷабрдида шахси ҳуқуқие низ эътироф шуда метавонад, ки дар натиҷаи содир гардидани ҷиноят ба ӯ зарари моддӣ ё маънавӣ расидааст [2].

Дар ин сурат ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷабрдидаро намояндаи шахси ҳуқуқӣ татбиқ мекунад. Дар бораи ҷабрдида эътироф кардани шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор баъди муқаррар кардани ҳодисаи ҷиноят ва воқеияти бар асари ҷиноят расидани зарар фавран қарор қабул карда, суд таъинот, судя қарор қабул менамояд.

Тибқи қоидаҳои ҷорӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мавридҳои зерин ҷабрдида ва даъвогари гражданӣ ба ҳисоб меравад:

1) агар аломати ҷиноят воқеан ҷой дошта бошад;

2) агар аз ҷиноят ба вай зарари ҷисмонӣ, моддӣ ва маънавӣ расонида шуда бошад;

3) ҳуқуқу манфиатҳои шахс зери таҳдиди сӯиқасд ба ҷиноят қарор дошта бошад.

Мавқеи мурофиавии ҷабрдида шахс дар сурати аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва ё судя баровардани қарори махсус дар бораи ба сифати ҷабрдида эътироф гардиданаш муайян мешавад. Ҷабрдида дорои як қатор ҳуқуқҳои мурофиавие мебошад, ки бо иштирок дар марҳилаи тафтиши пешакӣ ва дар мурофиаи судӣ алоқаманд мебошад. Вай ҳуқуқ дорад бо маводи парвандаи ҷиноятӣ шинос гардад, далел ва дархост пешниҳод кунад, ҳангоми дида баромадани далелҳо дар мурофиаи судӣ иштирок намояд, раддия арз кунад, аз болои амал ва беамалӣ ва қарорҳои таҳқиқибаранда муфаттиш, прокурор судя ва суд шикоят орад ва ғайра [2].

Давлат ҳуқуқи ҷабрдидаро ба адолати судӣ ва ҷуброни зарар таъмин намуда, механизмҳои зарурири бахри ошкор намудани тафтиши ҷинояти содиргардида истифода мебарад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ вазифадоранд, ки аризаро дар хусуси ҷиноят қабул намуда, бахри ҷустуҷӯ ё худ кофтукови амволи арзишноки ба ҷабрдида тааллуқдошта ва таъмини даъвои гражданӣ тадбирҳо андешанд. Бояд қайд кард, ки тамоми низоми

ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ барои таъмини кушодани ҷиноят, ошкор ва муайян кардани гунаҳгорон нигаронида шудааст, ки баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷабрдида аз ҷиноят ҳамчун заминаи устувори ҳуқуқӣ баромад менамояд.

Ҳолати муҳимми кафолатҳои конститутсионии ҷабрдида - ин ба ҷабрдида додани кафолати давлатии ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ мебошад. Давлат ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ, қадру қимат ва озодӣ, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун пешгирӣ намудан ва роҳ надодан ба ҳама гуна сӯиқасдеро, ки ба инсон зарар ва азоби рӯҳӣ мерасонад, кафолат медиҳад. Ба ҷабрдида ҳуқуқ дода шудааст, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои хеш тадбирҳо андешад.

Ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои ҷабрдида ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси он, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он арзиши олӣ дошта, аз тарафи давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд, асос мeёбад. Доираи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд гуногунҷабҳа буда, бевосита амалӣ мешаванд. Он маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳоро, ки дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи сабт шудааст, дар бар мегирад.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақсад ва мазмуни фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва маҳаллиро муайян мекунад ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд (м. 14 Конститутсияи ҶТ). Аз ин муқаррарот бармеояд, ки кафолати муҳимми давлатие, ки таввасути он татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин мегарданд, ин ҳифзи судӣ мебошад [1].

Ҳуқуқ ба ҳимоя мазмуни онро дорад, ки дар сурати поймол гаштани ҳуқуқҳои хеш ҳар шахс сарфи назар аз шаҳрвандӣ метавонад аз он бархӯрдор гардад. Ҳуқуқи ҳифзи судӣ ҳуқуқи шахсӣ ва ҷудоинопазири ҳар як инсон мебошад. Ҳар кас метавонад ба суд бо аризаи дахлдор мурoҷиат намояд, суд дар навбати худ уҳдадор аст ин аризаро баррасӣ намуда, аз рӯи он қарори асоснок қабул намояд.

Бартарии тартиби судии шикоят кардан дар он аст, ки суд ҳокимияти ба он мутааллиқро мустақилона амалӣ намуда, танҳо ба қонун тобеъ аст ва фаъолияти он ба принсипҳои роҳбарикунандаи пешбурди судӣ ошкоро будан, (мубоҳисавӣ), баробарҳуқуқии тарафҳо ва ғайра асос меёбад.

Ҳуқуқи ҳифзи судӣ дар ягон маврид, ҳатто дар давраи вазъияти фавқулодда маҳдуд карда намешавад (м. 47 Конститутсияи ҶТ).

Ҳамин тариқ, аз меъёри Конститутсияи ҶТ (м.м. 4, 14, 17 ва 19) бармеояд, ки ба ҷабрдида (аз ҷиноят зарардида) давлат ҳифзи ҳуқуқ ва озодиро бо роҳи пешгирӣ ва роҳ надодани сӯиқасд, ки зарари моддӣ ё маънавӣ мерасонад, кафолат медиҳад, ки ҷавобгӯи м. 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аст, ки мувофиқи он «Ҳар як инсон барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад» [7].

Ҳамин тариқ, ҷуброни зарар низ кафолат ва ҳуқуқи ҷудонопазири ҷабрдида ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо расонида шудааст. Ҳуқуқи конститутсионии ҷабрдида барои ҷуброни зарар бевосита дар КМҶ ҶТ ва Кодекси граждании (минбаъд – КГ ҶТ) пешбинӣ шудаанд.

Мувофиқи КМҶ ҶТ ҷабрдидае, ки аз ҷиноят ба вай зарари маънавӣ, ҷисмонӣ ва ё моддӣ расонида шудааст ва барои иштирок дар парвандаи ҷиноятӣ иҷозат дода шудааст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқ дорад оид ба ҷуброни зарар даъвои гражданӣ пешниҳод намояд.

Дар мурофиаи ҷиноятӣ чунин шахс бо таъиноти суд ё қарори судя, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор ҳамчун даъвогари гражданӣ эътироф мешавад. Ҳангоми баровардани қарор суд даъворо пурра ё қисман қонеъ мегардонад ва ё умуман даъворо рад менамояд.

Агар даъво бе баррасӣ монда шавад, он гоҳ даъвогари гражданӣ ҳуқуқи бо чунин даъво ба суд ба тариқи истеҳсолоти

судии граждании муроҷиат карданро пайдо мекунад.

Зараре, ки ба шахс дар натиҷаи ҷиноят расонида шудааст, тибқи тартибе, ки дар боби 55 КГ ҶТ пешбинӣ шудааст, ҷуброн карда мешавад. Мувофиқи қ. 1 м. 1079 КГ ҶТ зараре, ки ба шахс ё амволи шаҳрванд, инчунин ба шахси ҳуқуқӣ расонида шудааст, бояд дар ҳаҷми пурра аз ҷониби шахсе, ки зарар расонидааст, ҷуброн карда шавад [3].

Ҳаҷми зарари моддие, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ (ҷиноят, ҳуқуқвайронкунии граждании) расонида шудааст, аз хароҷоте, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани амволи ӯ (зиёни воқеӣ), инчунин даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои граждании метавонист ба даст оварад, муайян карда мешавад. (сархати 1 қ. 2 м. 15 КГ ҶТ).

Ҳаёт ва саломатӣ барои инсон арзиши олӣ дорад, аз ин рӯ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазирии ҳифзи давлатии онҳоро эълон менамояд.

Ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатӣ зиёни ҷабрдида дар мавриди аз даст додани музди меҳнат ва дигар даромадҳо, ки дар пурра ё қисман гум кардан, ё паст шудани қобилияти меҳнатӣ ва инчунин хароҷоте, ки бинобар расонидани зарар ба саломатӣ ба вуҷуд омадааст (барои табобат, хӯроки (ғизои) иловагӣ, харидани доруворӣ, протез кардан, нигоҳубини табобати санитарию курортӣ, ба даст даровардани воситаҳои махсуси нақлиёт, омодагӣ ба дигар касб ва ғайра) ва ба он ҷабрдида дар натиҷаи расидани зарар эҳтиёҷ дорад, рӯёнида мешавад.

Дар радифи зарари молумулкӣ ба ҷабрдида зарари маънавӣ (азоби ҷисмонӣ ва рӯҳӣ), ки дар натиҷаи вайрон кардани неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ, дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун расонида шудааст, ҷуброн карда мешавад. Неъматҳои моддӣ, ки ҳаҷми онро суд бо дарназардошти дараҷаи гуноҳи ҳуқуқвайронкунанда, ҳолатҳои мушаххас, ҳамчунин дараҷаи зарари ҷисмонӣ ва маънавӣ, бо хусусиятҳои оқибати инфиродии ба ҷабрдида расида муайян менамояд.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои махсусеро пешбинӣ менамояд, ки мувофиқи он ҷавобгарӣ сарфи назар аз гуноҳ муқаррар шудааст.

Бо чунин тартиб зиёни маънавӣ дар сурате ҷуброн мегардад, ки он ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон дар натиҷаи сарчашмаи хатари зиёд, дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум намудан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ ба сифати чораи пешгирикунанда ғайриқонунӣ татбиқ кардани ҳабс, ҷазои ғайриқонунии маъмурӣ дар намуди ҳабс ё худ корҳои ислоҳӣ, ҳангоми расонидани зарар бо роҳи паҳн кардани маълумоте, ки шаъну шараф ва эътибори кориро паст мезанад ва дигар ҳолатҳои пешбинигардидаи қонун эътироф мешавад.

Ҳолатҳои дар боло зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар айни замон давлат тамоми механизмҳои ҳуқуқтатбиққуниеро, ки баҳри таъмини ҳуқуқҳои поймолгардидаи ҷабрдида ва барқарор кардани ҳолати моддӣ заруранд, муҳайё намудааст.

Яке аз кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ин даъвогари граждании эътироф кардани шахсе, ки аз ҷиноят ба ӯ зарари моддӣ ва маънавӣ расидааст.

Мувофиқи м. 44 КМҶ ҶТ даъвогари граждании шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқие эътироф карда мешавад, ки ба ӯ дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарари молумулкӣ расонида шуда, оид ба рӯёнидани он даъво пешниҳод кардааст. Даъвогари граждании оид ба рӯёнидани товони зарари маънавӣ низ метавонад даъвои граждании пешниҳод намояд. Дар бораи эътироф кардани даъвогари граж-данӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш, проку-рор қарор қабул мекунанд ва суд таъинот мебарорад. Барои ҳимояи манфиатҳои ноболиғон, инчунин шахсоне, ки бо тар-

тиби муқарраргардида ғайриқобили амал эътироф шудаанд, даъвои гражданӣ аз тарафи намояндагони қонунии онҳо метавонад пешниҳод шавад.

Бо мақсади таъмин ва иҷро шудани ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, қонун кафолатҳои мурофиавиро пешбинӣ кардааст. Кафолатҳои мурофиавӣ – ҷиноятӣ гуфта, маҷмӯи имкониятҳо, роҳу воситаҳои пешбиникардаи қонунро меноманд, ки барои амалӣ ва иҷро гаштани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ шароит фароҳам меоранд. Яъне, қонунгузор аз номи давлат бо тартиби муқарраркардаи қонун, ба амал баровар-да шудани амалҳои мурофиавӣ, доираи муайяни ваколатҳои мақомоти давлатӣ, ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва бо тартиби муқарраркардаи қонун расмигардонии санадҳои мурофиавиро кафолат медиҳад, ки дар меъёрҳои қонун ифодаи худро ёфтаанд.

Кафолатҳои мурофиавӣ аз маҷмуи роҳу воситаҳои дар меъёрҳои қонун пешбинишуда иборат мебошанд, ки амалӣ гаштани ҳуқуқу имкониятҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро низ таъмин менамоянд. Масалан, ҳуқуқ ба ҳимоя, ҳуқуқ барои барқарор кардани зарар, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ, ҳуқуқи шикоят кардан аз болои ҳаракатҳои ғайриқонунии шахсони ваколатдор, ҳуқуқи шинос шудан бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иштирок кардан дар маҷлиси судӣ, барқарор кардани зарар ва ғайраҳо [5, с. 169].

Бо мақсади таъмин шудани кафолатҳои мурофиавӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оиди барқарор кардани зарар қарор қабул карда мешавад, ки иҷрои он ҳатмист.  Яке аз ин қарорҳо даъвогари гражданӣ эътироф кардани ҷабрдида мебошад, ки аз ҷиноят зарари ҷисмонӣ, молу мулкӣ ва маънавӣ расидааст, инчунин шахси ҳуқуқие, ки ба ӯ зарари молумулкӣ расонида шудааст. Ин кафолатҳои мурофиавӣ дар баррасии судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба тариқи ҳифзи судии гражданӣ сурат мегирад. Дар ин ҳолат ҳангоми пешниҳоди даъвои гражданӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд.

Инчунин даъвои гражданӣ оид ба барқарор кардани зарар, тибқи қоидаҳои муайяннамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот карда мешаванд.

Махсусан дар байни ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда мешаванд, муайян кардани ҳолатҳое, ки хусусият ва андозаи зарари аз ҷинояти содиршуда расидаро муайян мекунанд, ин ҳолати исботшаванда барои исботи даъвои гражданӣ хос мебошад. Тибқи қонун рад кардани даъвои гражданӣ аз ҷониби суд ҳуқуқи ҷабрдидаро оиди барқарор кардани зарари расонидашуда маҳдуд менамояд, дуруст қайд кардааст Д.Б. Разумовский. Ин институт муддати 150 сол, ҳанӯз аз ислоҳоти судӣ соли 1864 амал карда, бо дигар институтҳои мурофиаи ҷиноятӣ алоқамандӣ дорад, ба монанди институти исбот, ки дар ҷараёни исбот ҳолатҳои содир шудани ҷиноят хусусият ва андозаи зарари расонида муайян карда мешавад [5, с. 18].

Мутобиқи КМҶ ҶТ қоидаҳои мурофиавие ҳастанд, ки бо ёрии онҳо зарари аз ҷиноят расонида шуда исбот карда мешавад. Яъне, бо тартиби муқарраркадаи қонун бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ки бо ёрии онҳо зарари аз ҷиноят расида исбот карда мешавад, дар бар мегирад. Ба монанди гузаронидани экспертиза, аз назаргузаронии ҷойи ҳодиса, ки оқибати зарари аз ҷиноят расидаро муайян мекунад; шаҳодаткунонӣ ки агар зарурияти гузаронидани экспертиза ҷой надошта бошад; пурсиш барои муайян кардани зарари аз ҷиноят расонидашуда, рӯбарӯкунӣ, санҷиши нишондод дар ҷой ва гӯш кардани сабти гуфтугӯи телефонӣ ва ғ. мебошанд.

Хуб мешуд, ки дар м. 42 КМҶ ҶТ дар қатори ҳуқуқҳои ҷабрдида, имконияти вай дар шакли “даъвои гражданӣ пешниҳод карда аз ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои даъвогари гражданӣ истифода барад” илова карда шавад. Инчунин, дар моддаи 42 КМҶ ҶТ оид ба даъвогари гражданӣ эътироф кардани ҷабрдидае, ки аз ҷиноят зарари моддӣ ва

маънавӣ расидааст пешбинӣ нашудааст ва танҳо “оиди ҷабрдида эътироф кардани шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор баъди муқаррар кардани ҳодисаи ҷиноят ва воқеияти бар асари ҷиноят расидани зарар қарор қабул мекунад” пешбинӣ шудааст. Ин меъёр саҳеҳ ифода шуда, ҳуқуқи ҷабрдидаро доир ба барқарор кардани зарари моддӣ ва маънавӣ муайян карда, амалӣ шудани қ. 8 м. 42 КМҶ ҶТ, ки давлат ба ҷабрдида дастрас будани адолати судӣ ва ҷуброни зарари расонидашударо кафолат медиҳад, таҳким мебахшад.

Дар КМҶ ҶТ моддаи алоҳида дар бораи даъвогари гражданӣ пешбинӣ шудааст, ки даъвогари гражданӣ шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқие эътироф карда мешавад, ки ба ӯ дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарари молумулкӣ расонида шуда, оид ба рӯёнидани он даъво пешниҳод кардааст. Даъвогари гражданӣ оид ба рӯёнидани товони зарари маънавӣ низ метавонад даъвои гражданӣ пешниҳод намояд. Аз ин чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба сифати даъвогари гражданӣ на танҳо ҷабрдида, ки аз ҷиноят зарари моддӣ ё маънавӣ расидааст, инчунин шахсони сеюм, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарари молу мулки дидаанд, метавонанд барои рӯёнидани товони зарари маънавӣ даъвои гражданӣ пешниҳод кунанд.

Масъалаи дигар, мутобиқи м. 403 КМҶ ҶТ эътироз ё шикоят дар бораи аз сари нав дида баромадани ҳукм, таъинот ва қарори суде, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, ба истиснои қарорҳои раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба суди марҳилаи назоратӣ аз ҷониби прокурор, маҳкумшуда, сафедкардашуда, ҳимоятгарон ва намояндагони онҳо, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони қонунии онҳо, инчунин дигар шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии онҳо бо ҳукм халалдор шудааст, пешниҳод карда мешавад. Хуб мешуд, ки дар марҳилаҳои тосудӣ ва марҳилаҳои судӣ ҳолати ҳуқуқии «дигар шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии онҳо халалдор шудааст» ба сифати шахсони манфиатдор муайян карда шавад [2].

Баъзе аз меъёрҳо ба принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо мухолифанд. Мутобиқи м. 433 КМҶ ҶТ бо ризои намояндаи қонунии судшавандаи ноболиғ суд метавонад онҳоро ҳамчун шоҳид пурсиш намояд. Лекин дар м. 71 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки намояндаи қонунии ҷабрдида, ки қаблан дар парванда ба сифати судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, котиби маҷлиси суд, шоҳид, коршинос, мутахассис, тарҷумон ё шахси холис иштирок карда бошанд, ба сифати намояндаи ҷабрдида иштирок карда наметавонанд. Ба андешаи мо, меъёрҳои номбаршуда бояд нисбати намояндаи қонунии ҷабрдида ва айбдоршаванда ё судшаванда умумӣ ва баробарии имкониятҳои мурофиавиро нишон диҳанд. Бинобар ин, дар м.71 КМҶ ҶТ дар байни ҳолатҳое, ки иштироки намояндаи қонунии ҷабрдидаро истисно мекунанд, қаблан ба сифати шоҳид пурсиш шудани онҳо ихтисор карда шавад. Ин навгони баробарии имкониятҳои мурофиавии тарафҳо ва кафолати конститутсионии ҳимояи ҳуқуқҳои ҷабрдиадро таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон қисми ҷудонопазири сиёсати давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон давлат тибқи Конститутсия ва қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор кафолатҳои ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд, ки ҳангоми маҳдуд шудани ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ба инобат гирифта шуда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо тартиби қоидаҳои муайян кардаи қонуни мурофиавӣ таъмин карда шаванд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016). - Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №12, мод. 815-816; Қонуни ҶТ аз соли 2021, № 1-2, мод. 5.

3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми дуюм) аз 11-уми декабри соли 1999, № 885 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, №12, мод. 323; соли 2002, № 4, қисми 1, мод. 170; соли 2006, №4, мод. 194; соли 2009, №12, мод. 821; с. 2010, №7, мод. 540; Қонунҳои ҶТ аз 03.07.2012 с., № 849; аз 22.07.2013 с. № 977; аз 02.01.2019 с., № 1558.

4. Раҳматулоев, А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / А.Э. Раҳматуллоев. – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – 632 с.

5. Разумовский, Д.Б. Гражданский иск в уголовном деле: дис... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Дмитрий Борисович Разумовский. – М., 2004. – 183 с.

6. Славгородских, Т.А. Предмет доказывания обстоятельств гражданского иска в российском уголовном процессе: автореф. дис… канд. юрид. наук: 12.00.09 / Татьяна Анатольевна Славгородских. - Челябинск. 2003. – 21 с.

7. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки бо Резолютсияи 217 А (III) Ассамблеяи генералии СММ 1011-уми декабри с. 1948 қабул шуд // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/dec lhr.shtml (санаи муроҷиат: 12.11.2020).

**References**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 (with amendments dated September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016). - Dushanbe: Ganj, 2016. – 135 p.

2. The Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan dated December 3, 2009, No. 564 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, 2009, No. 12, art. 815-816; Law of the Republic of Tajikistan from 2021, No. 1-2, art. 5.

3. The Civil Code of the Republic of Tajikistan (Part Two) dated December 11, 1999, No. 885 // Bulletin of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, No. 12 of 1999, Art. 323; 2002, No. 4, part 1, art. 170; 2006, No. 4, art. 194; 2009, No. 12, Art. 821; s. 2010, No. 7, art. 540; Laws of the Republic of Tajikistan dated 03.07.2012 p. No. 849; from 22.07.2013 p. No. 977; dated 02.01.2019, No. 1558.

4. Rakhmatuloev, A.E. Criminal procedure: textbook / A.E. Rahmatulloev. - Khujand: Khorasan, 2016. - 632 p.

5. Razumovsky, D.B. Civil lawsuit in a criminal case: dis... cand. legal Sciences: 12.00.09 / Dmitry Borisovich Razumovsky. - M., 2004. - 183 p.

6. Slavgorodskikh, T.A. The subject of proving the circumstances of a civil claim in the Russian criminal process: author. dis... cand. legal Sciences: 12.00.09 / Tatyana Anatolyevna Slavgorodskikh. - Chelyabinsk. 2003. - 21 p.

8. The General Declaration of Human Rights adopted by Resolution 217 A (III) of the UN General Assembly on December 10. Adopted 1948 // [Electronic resource] – Access mode: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/dec lhr.shtml (access date: 12.11.2020).

ТДУ 343.985.7

# ХУСУСИЯТҲОИ БАЪЗЕ АЗ УНСУРҲОИ ТАВСИФИ КРИМИНАЛИСТИИ ҶИНОЯТИ САВДОИ ОДАМОН

# ОСОБЕННОСТИ НЕКОТОРЫХ ЭЛЕМЕНТОВ КРИМИНАЛИСТИЧЕСКОЙ ХАРАКТЕРИСТИКИ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ

# FEATURES OF SOME ELEMENTS OF THE FORENSIC CHARACTERISTICS OF HUMAN TRAFFICKING

ИЗЗАТУЛЛОЕВА С.С.
IZZATULLOEVA S.S.
*Ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*Ассистент кафедры права и сравнительной юриспруденции факультета дипломатии и политики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан*
*Assistant of the Department of Law and Comparative Jurisprudence of the Faculty of Diplomacy and Politics of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan*



e-mail:
Savlat.izzatulloeva@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ*: 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти экспертӣ-судӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

*Научная специальность*: 12.00.12 – криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность.

*Scientific specialty*: 12.00.12 - Criminalistics; forensic activities; operational search activity.

*Тақриздиҳанда*: МИРЗОЕВ П.И – мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

*Рецензент:* МИРЗОЕВ П.И. – заведующий кафедрой права и сравнительной юриспруденции факультета дипломатии и политики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук.

*Reviewer:* MIRZOEV P.I. – Head of depart law comparative jurisprudence Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of legal Sciences.

*Аннотатсия*: Дар мақола масъалаҳо оид ба методика ва тавсифи криминалистии ҷинояти савдои одамон баррасӣ карда шудаанд. Нуқтаи назари муаллиф оид ба методика ва хусусиятҳои криминалистии ин намуди ҷиноят оварда шудааст. Муаллиф муқарраротои назарияивиро таҳия намуда, дар асоси он тавсияҳои асосиро оид ба мукаммалгардонии методикаҳои тафтиши ҷиноятҳои савдои одамон пешниҳод мекунад.

*Вожаҳои калидӣ:* методика, тавсифи криминалистӣ, тафтиш, савдои одамон, ҷинояткории трансмиллӣ, ҷалбкунӣ, қурбонӣ.

*Аннотация*: В статье рассматриваются вопросы, связанные с методикой и криминалистической характеристикой преступлений торговли людьми. Дается авторское видение методики и криминалистической характеристики данного вида преступлений. Автором разработаны теоретические положения и на их основе представлены научно обоснованные рекомендации по оптимизации методики расследования преступлений торговли людьми.

*Ключевые слова:* методика, криминалистическая характеристика, расследование, торговля людьми, транснациональная преступность, вербовка, жертва.

*Annotation:* The article deals with issues related to the methodology and forensic characteristics of human trafficking crimes. The author's vision of the methodology and forensic characteristics of this type of crime is given. The author has developed theoretical provisions and, on their basis, presented evidence-based recommendations for optimizing the methodology for investigating crimes of human trafficking.

*Key words*: methodology, forensic characterization, investigation, human trafficking, transnational crime, recruitment, victim.

Пешбурди бомуваффақи парвандаи ҷиноятӣ ва расидан ба тафтишоти пурсамари ҳама намуди ҷиноятҳо аз қобилияти дарки моҳияти криминалистии ҷиноят вобастагии зиёд дошта, маҳз дарки моҳияти криминалистии ҷиноят имкон медиҳад, ки муфаттиш самтҳо, воситаҳо ва усулҳои дурусти тафтиши парвандаро интихоб намояд. Муфаттиш дар рафти фаъолияти касбӣ оид ба моҳияти криминалистии ҳар як амали содиршуда бояд маълумоти пешакӣ дошта бошад, ки дар илми криминалистика маҷмуи ин маълумотҳоро "тавсифи криминалистӣ" меноманд.

Қабл аз баррасии тавсифи криминалистии ҷинояти савдои одамон вобаста ба методикаи криминалистии тафтиши ҷиноят дар таҳқиқоти мазкур таваҷҷуҳ хоҳем намуд.

Мафҳуми "методика" тибқи назарияи илмӣ ин низоми услубҳои ташкилӣ-тактикӣ ва илмӣ-тактикии таҳқиқи ҷиноятҳо мебошад.

Мафҳуми "методика" ҳам дар илм ва ҳам дар ҳаёти ҳаррӯза васеъ исмтифода мешавад, вале дар ҷомеаи муосир, вақте ин мафҳум истифода мешавад, на ҳама вақт маънии яксон дорад. Ба ақидаи Д.С. Қодирзода, методика дар илми криминалистика қисмати хотимавии криминалистикаро меноманд, ки низоми корҳои тафтишотӣ, ташкилӣ-омодасозӣ ва дигар корҳо, инчунин, тавсияҳои илмӣ –амалиро вобаста ба корбурди дурусти онҳо бо мақсади тафтишоти зуд ва комили ҷиноятҳо дар бар мегирад [10, с. 17].

Вазифаҳои методикаҳои тафтиш коркарди методҳои ошкорсозии ҷиноят ва методҳои иҷрои амалҳои мухталифи тафтишотӣ дар мувофиқа бо дигар воситаҳои тафтиш ба шумор меравад.

Вобаста ба зарурати омӯзиши методикаи криминалистии ҷинояти савдои одамон олимони соҳа сохти тавсифи криминалистии ҷинояти савдои одамонро пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла А.В. Боретский сохти тавсифи криминалистии ҷинояти савдои одамонро чунин пешниҳод намудааст:

- Тавсифи криминалистии савдои одамон;
- Маҷмуи ҳолатҳои маъмулии тафтишотӣ дар марҳилаи аввал ва минбаъдаи тафтиши ҷинояти савдои одамон;
- Тактикаи гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ дар тафтиши ҷинояти савдои одамон;
- Хусусиятҳои ҳамкории муфаттиш бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои дигар дар тафтиши ҷинояти савдои одамон [2, с. 23];

Тавсифи криминалистӣ маълумотро дар бораи унсурҳои асосии ҷиноят, ҷинояткор ва алоқаи байни онҳо дар бар мегирад. Иттилоот дар бораи воситаҳои содиршавии ҷиноят, робитаҳои маъмулӣ ва дигар маълумоти воқеӣ, ки ҳангоми истифодаи воситаҳои майян дар ҳолати маъмулӣ пайдо мешаванд, барои сохтани методикаи тафтиш нуқтаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти муҳим будани тавсифи криминалистии ҷиноят дар илми криминалистика дар мақоллаи мазкур доир ба яке аз ҷиноятҳои трансмилии муосир яъне савдои одамонро баррасӣ хоҳем намуд. Зеро, савдои одамон аз ҷумлаи ҷиноятҳое мебошад, ки бар зидди

озодии шахс содир гардида, аз рӯи тавсифи криминалистӣ таркиби бениҳоят мураккаб дорад.

Қабл аз оғози тафтиши парванда оид ба савдои одамон муфаттишро зарур аст, ки ба таври муфассал доир ба тавсифи криминалистии ҷинояти мазкур маълумот дастрас намояд.

Ба ақидаи А.А. Варданян, тавсифи криминалистии ҷинояти савдои одамон аз унсурҳои ташаккулёфта иборат аст, ки ин унсурҳо вобастагии мутақобиларо доранд ба монандӣ: тарзҳои содиршавии ҷиноят, хусусиятҳои тарзҳои гирифтани пайҳо, хусусиятҳои шахсияти субъекти ҷиноят, хусусиятҳои шахсияти ҷабрдида, хусусиятҳои вазъияти содиршавии ҷиноят (ҷой, вақт, ва дигар шартҳои содиршавии ҷиноят) – хусусиятҳои предмети ҷиноят [1, с. 23]. Олими мазкур, ҳамзамон, қайд менамояд, ки аз нуқтаи назари таълимоти криминалистӣ оид ба тарзи содиршавии ҷиноят, тарзҳои содиршавии ҷинояти савдои одамон сохти пурра доранд. Масалан, тарзҳои содиршавии ҷинояти савдои одамон аз рӯйи сохт ба ду марҳила ҷудо мешаванд:

1) Марҳилаи то содиршавии ҷиноят (қасди содиркунии ҷиноят);

2) Марҳилаи бевосита ҷараёни содиршавии ҷиноят;

Ба ақидаи мо, ҳар як марҳилаи тарзҳои содиршавии ҷиноят ба худ хусусиятҳои хос дорад. Масалан, марҳилаи то содиршавии ҷинояти савдои одамон марҳилаи интихоби қурбониро дар бар гирифта, дастрас намудани маълумот оид ба вазъи зиндагии ӯ, даромадан ба боварии қурбонӣ ва дар баъзе мавридҳо дар асоси маълумотҳои бардурӯғ оид ба ҷойи кор дар хориҷи кишвар ва ё ҳолатҳои гуногунро дар бар гирифта метавонад.

Ба ақидаи олими дигар А.В. Борецкий, ба унсурҳои асосии тавсифи криминалистии ҷинояти савдои одамон танҳо устувортарин ҷузъҳои такроршаванда, аз ҷумла: тавсифи иттилоотӣ аслӣ, тавсифи ҳолатҳои содиршавии ҷиноят, маълумот оид ба содиршавӣ ва рӯйпуш кардани ҷиноят, тарзҳои содиршавии ҷиноят, хусусиятҳои хосси шахсияти қурбонӣ, хусусиятҳои хосси шахсияти ҷинояткор, маъмултарин ангезаҳои ҷиноят, доираи ҳолати асосӣ ва барқарорсозӣ дохил мешавад [2, с. 16].

Тарзҳои содиршавии ҷинояти савдои одамон, ки яке аз унсурҳои асосии таркиби тавсифи криминалистии ҷиноят ба ҳисоб меравад, дар назарияи илми криминалистика вобаста ба масъалаи мазкур дар миёни олимон ягонафикрӣ мавҷуд надорад. Бинобар мубрам будани проблемаи мазкур мо дар мақоллаи худ атрофи ин унсури тавсифи криминалистӣ пажуҳиш менамоем.

Тарзҳои содиршавии ҷинояти савдои одамон мураккаб буда, аз дигар ҷиноятҳо бо хусусияти фаромиллӣ ва мақсади тиҷоратии гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ фарқ мекунад.

Дар воситаи таълимие, ки олимони узбек таҳия ва нашр намудаанд қайд гардидааст, ки дар натиҷаи омӯзиши назариявӣ, тафтишотӣ ва таҷрибаи судӣ воситаи содиршавии ҷинояти савдои одамон се марҳиларо дар бар мегирад: ҷалбкунӣ, ҷойивазкунӣ ва интиқол [4, с. 55].

Вале, аксари олимони дигари илми криминалистика Р.Р. Фахрутдинов [3, с. 11], М.А. Полякова [5, с. 16], Т.Ш. Шарипов, Ф.Х. Рауфов, А.И. Сафарзода [6, с. 64] марҳилаҳои содиршавии ҷинояти савдои одамонро ба ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан ва пинҳонкунӣ ҷудо намудаанд. Зеро, пинҳонкунӣ ин ҷойгиркунии ҷабрдида дар ҷойи паноҳ бо мақсади ошкор карда нашудани ӯ аз ҷониби намояндагони мақомоти давлатӣ ё шахсони сеюме, ки метавонанд дар бораи савдогари одамон хабар диҳад, ифода меёбад. Пинҳонкуниро пай бурдан хеле мушкил аст, зеро он бештар ба таъминкунӣ бо манзил, на ба маҷбурсозӣ шабоҳат дорад [6, с. 65].

Дар ин росто мо ақидаи олимони рус Р.Р. Фахрутдинов [3, с. 11], М.А. Полякова [5, с. 16] ва олимони ватаниро [6, с. 65] ҷонибдорӣ намуда, пинҳонкуниро яке марҳилаи содиршавии ҷинояти савдои одамон мешуморем. Зеро, дар амалияи тафтишоти парвандаҳо вобаста ба ҷинояти мазкур нишон

медиҳад, ки аксарияти қурбониёни савдои одам бо “пинҳонкунӣ” дучор мешаванд (масалан, аз байн бурдани шиноснома, нигоҳ доштан дар ҷойҳои қаблан муайян ва ғайра), ки аз қабл таҳррезӣ гардида буд.

Ҷалбкунӣ бошад ҳамчун воситаи содиршавии ҷинояти савдои одамон ба ду марҳила ибтидоӣ ва баъдӣ ҷудо карда шудааст. Марҳилаи “ибтидоӣ” яъне ҷалб кунӣ – ҷустуҷӯи қурбониёни савдои одамро дар бар мегирад ва марҳилаи “баъдӣ” – марҳилаи асосӣ буда, аз ворид шудани ҷинояткор бо робитаи мустақил бо “номзад” оғоз гардида, бурдани таблиғоту ташвиқоти равониву ҷисмонӣ барои омодагӣ ба сафари хориҷаро дар бар мегирад. Дар воситаи илмӣ-амалии “Муқовимат ба савдои одамон”, ки муаллифони он олимони ватанӣ мебошанд, тарзҳои ҷалбкунӣ ба намудҳои ваъда, фиреб, таҳдид, бовар кунонидан, иръоб ва ғайра ҷудо намудаанд, ки бо ин восита гунаҳкор розигии қурбонии савдои одамро барои истисмори ӯ ба даст меорад [6, с. 60].

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, ҷинояти савдои одамон таркиби мураккаб дошта, тавсифи он амалҳои алтернативиро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, олими рус И.Г. Рогава усулҳои содир намудани ҷинояти мазкурро хеле гуногун ҳисобида ба гурӯҳҳои зерин онҳоро ҷудо намудааст [7, с. 12]:

1. Ҷустӯҷӯи қурбониёни савдои одам [8, с. 47];

2. Даромадан ба боварӣ, маҷбуран ҷалб кардани қурбонӣ ба савдои одам;

3. Ҳаракати қурбониён ба ҷойи истисмор – ин усул метавонад аз ҳисоби савдогари одам, ё ба воситаи миёнарав, ризоияти қурбонӣ ва ё маҷбурӣ амалӣ карда шавад [9, с. 16];

4. Паст намудани иродаи ҷабрдида барои муқовимат ба савдои одамон одамон ва розӣ шудани ӯ ба тақдир;

5. Истисмори қурбониёни савдои одам [7, с. 13];

Дар навбати худ, тарзҳои ҷустуҷӯи қурбониёни савдои одамро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо менамоянд:

- тарзи ҷустуҷӯи мустақими инфиродӣ;

- тарзи ҷустуҷӯ бо истифода аз воситаҳои ахбори омма;

Ба гурӯҳи якуми тарзҳои ҷустуҷӯи қурбониёни савдои одам бевосита аз ҷониби худи ҷалбкунандагон сурат мегирад, аз ҷумла чунин ҷустуҷӯ намудҳои зеринро метавонад дар бар гирад:

- вобаста ба алоқаи шахсӣ бо ҷинояткор;

- новобаста бо алоқаи шахсӣ бо ҷинояткор.

Аксар мавридҳо ҷалбкунандагон бо қурбониёни минбаъда – ҳамсоя, зодаи як маҳал, дар як мактаб таҳсилкарда, дар як боғчаи кӯдакона тарбиягирифта, ва ҳатто хешу табор мебошанд. Дар ин ҳолат, ҷалбкунанда нисбати қурбонии минбаъда аллакай маълумоти камтаринро оид ба хислатҳои шахсии “номзад” аз ҷумла вазъи молиявӣ, оилавӣ, сатҳи арзишҳои маънавиву ахлоқии ӯро дорад. Чунин маълумотҳо дар аввал имконпазирӣ ва ҷалби ин ё он “номзад”-ро муайян намуда, интихоби тактикаи рафторро барои ҷинояткор мусоид менамояд.

Ҷустуҷӯи қурбониён ҳамчунин метавонад ба воситаи шиносҳое сурат гиранд, ки ба ҷалбкунанда тавсияҳои эҳтимолӣ (масалан вобаста ба хоҳиши ба хориҷи кишвар сафар кардани онҳо, розӣ шудани онҳо ба чунин пешниҳод) диҳанд ва ё фаъолияти хуб нишон дода, ба ҷинояткор барои васеъ намудани доираи ҷалбшавандагон кӯмак расонанд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти гуногунфикрӣ миёни олимон вобаста ба марҳилаҳои содиршавии ҷинояти савдои одамон, тарзҳои содиршавӣ, усулҳои содиршавии ҷинояти савдои одамон бори дигар мураккаб будани сохти ҷинояти тавсифшавандаро исбот менамояд. Зарурати омӯзиши методикаи тафтиши ҷинояти савдои одамон ва тавсифи криминалистии он бахри мубориза ба зидди ин ҷинояти фаромиллӣ тақозои замон ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз, ташкили тафтиши ҷиноят ҳамчун ҷанбаи муҳимми унсури методика ба ҳисоб рафта, ташкили муайян кардани ҳадаф,

таҳияи нақша ва дигар унсурҳоро дар бар мегирад. Барои муайян кардани ҳадаф номгӯи ҳолатҳое, ки вобаста ба парванда исботро талаб мекунанд, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Аз таҳлилҳо маълум мешавад, ки мундариҷа ва унсурҳои тавсифи криминалистии ҷинояти савдои одамон дар асоси андешаҳои олимон, ки муқаррароти назариявӣ ва амалии таҷрибаи таҳқиқ ва тафтиши ҷинояти савдои одамон муайян карда шудаанд. Бахри боз ҳам вусбат бахшидани мубориза бар зидди ҷинояти савдои одамон, ки дар миқёси байналмилалӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванда ба ҳисоб рафта, зарари барқарорнашаванда ба ҳаёти инсон мерасонад, омӯзиши унсурҳои тавсифи криминалистии онро боз ҳам мубрам месозад. Маҳз омӯзиши методикаи тафтиши ҷинояти савдои одамон ҳамчун воситаи асосии “тасвири ҷиноят”, ки дар марҳилаи аввали тафтишот ба вуҷуд меоянд, нақши калидӣ дорад.

## Адабиёти истифодашуда

1. Варданян, А.А. Особенности расследования преступлений, связанных с торговлей людьми: уголовно-процессуальные и криминалистические аспекты: автореф. канд. юрид. наук: 12.00.09 / Артем Акопович Варданян. – Ростов-на-Дону. 2012. – 24 с.
2. Борецкий, Б.Т., Жузбаев, А.В. Структура криминалистической характеристики торговли людьми / Б.Т. Борецкий, А.В. Жузбаев // Международный научный журнал «Символ науки». - 2016. - № 1-3 (13). - С. 130-133.
3. Фахрутдинов, Р.Р. Методика расследования торговли людьми: дис. ... канд. юрид. наук : 12.00.09 / Рафаэль Рузалинович Фахрутдинов. - Челябинск, 2011. – 240 с.
4. Хамдамов, А.А., Камалов, О.А., Расулов, У.Э. Методика расследования торговли людьми: учебное пособие / А.А. Хамдамов, О.А. Камалов, У.Э. Расулов. – Ташкент: Академия МВД Республики Узбекистан, 2015. – 225 с.
5. Полякова, М.А. Использование специальных познаний при расследовании преступлений, связанных с торговлей людьми и использованием рабского труда: дисс. канд. юрид. наук: 12.00.09 / Марина Александровна Полякова. – Н.Новгород, 2011. – 288 с.
6. Шарипов, Т.Ш., Рауфов, Ф.Х., Сафарзода, А.И., Раҳматҷонов, Б.Н. Муқовимат ба савдои одамон: воситаи илмӣ-амалӣ / Т.Ш. Шарипов, Ф.Х. Рауфов [ва диг.]. – Душанбе, 2017. – 254 с.
7. Рогава, И.Г. Криминалистическая харакатеристика торговли людьми (в аспекте типичных способов совершения преступления) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://interactive-plus.ru Содержимое доступно по лицензии Creative Commons Attribution 4.0 license (CC-BY 4.0). (дата обращения: 18.03.2022).
8. Адмиралова, И.А. Методика расследования торговли людьми: учебное пособие / И.А. Адмиралова, С.В. Гафаров. – Домодедово: ВИПК МВД России, 2011. – 472 с.
9. Кустов, А.М. Методика расследования торговли людьми: научно-методическое пособие / А.М. Кустов, Г.К. Смирнов. – М.: Акад. Генеральной прокуратуры Российской Федерации, 2011. – 123 с.
10. Қодирзода, Д.С. Методикаи тафтиши ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин: китоби дарсӣ / Д.С. Қодирзода. – Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2021. – 492 с.

## References

1. Vardanyan, A.A. Features of the investigation of crimes related to human trafficking: criminal procedural and forensic aspects: author. cand. legal Sciences: 12.00.09 / Artem Akopovich Vardanyan. - Rostov-on-Don. 2012. - 24 p.
2. Boretsky, B.T., Zhuzbaev, A.V. The structure of the forensic characteristics of human trafficking / B.T. Boretsky, A.V. Zhuzbaev // International scientific journal "Symbol of Science". - 2016. - No. 1-3 (13). - P. 130-133.
3. Fakhrutdinov, R.R. Methodology for investigating human trafficking: dis. ... cand. legal Sciences: 12.00.09 / Rafael Ruzalinovich Fakhrutdinov. - Chelyabinsk, 2011. - 240 p.

4. Khamdamov, A.A., Kamalov, O.A., Rasulov, U.E. Methods for investigating human trafficking: a study guide / A.A. Khamdamov, O.A. Kamalov, U.E. Rasulov. - Tashkent: Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Uzbekistan, 2015. - 225 p.
5. Polyakova, M.A. The use of special knowledge in the investigation of crimes related to human trafficking and the use of slave labor: diss. cand. legal Sciences: 12.00.09 / Marina Alexandrovna Polyakova. - N. Novgorod, 2011. - 288 p.
6. Sharipov, T.Sh., Raufov, F.Kh., Safarzoda, A.I., Rakhmatjonov, B.N. Resistance to human trafficking: a scientific-practical tool / T.Sh. Sharipov, F.Kh. Raufov [et al.]. - Dushanbe, 2017. - 254 p.
7. Rogava, I.G. Forensic characterization of human trafficking (in terms of typical ways of committing a crime) // [Electronic resource] - Access mode: https://interactive-plus.ru Content is available under the Creative Commons Attribution 4.0 license (CC-BY 4.0). (date of access: 03/18/2022).
8. Admiralova, I.A. Methods for investigating human trafficking: a study guide / I.A. Admiralova, S.V. Gafarov. - Domodedovo: Ministry of Internal Affairs of Russia, 2011. - 472 p.
9. Kustov, A.M. Methods of investigating human trafficking: scientific and methodological manual / A.M. Kustov, G.K. Smirnov. – M.: Acad. Prosecutor General's Office of the Russian Federation, 2011. - 123 p.
10. Kadirzoda, D.S. Methodology of investigation of serious and especially serious crimes: textbook / D.S. Kadirzoda. - Dushanbe: Mehroj Graf, 2021. - 492 p.

ТДУ 343

# ПРИНСИПИ ШИКОЯТ АЗ НИСБАТИ АМАЛ (БЕАМАЛӢ) ВА САНАДҲОИ ОҒОЗ НАМУДАНИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ

# ПРИНЦИП ОБЖАЛОВАНИЯ ДЕЙСТВИЙ (БЕЗДЕЙСТВИЯ) И АКТОВ ВОЗБУЖДЕНИЯ УГОЛОВНОГО ДЕЛА

# THE PRINCIPLE OF APPEALING AGAINST ACTIONS (INACTION) AND ACTS OF INITIATING A CRIMINAL CASE



ҚАЛАНДАРОВА М.Д.
KALANDAROVA M.D.
*Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*
*Старший преподователь кафедры судебного права и прокурорского надзора Государственного университета права, бизнеса и политики Таджикистана*
*Senior Lecturer, Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision, State University of Law, Business and Politics of Tajikistan*
e-mail: abdullaeva.m.k@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ*: 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ.
*Научная специальность*: 12.00.09 – уголовный процесс.
*Scientific specialty*: 12.0009 – criminal process.

*Тақриздиҳанда*: РАҲМАТУЛОЕВ А.Э. - профессори кафедраи хуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

*Рецензент*: РАХМАТУЛОЕВ А.Э. - профессор кафедры судебного права и прокурорского надзора Государственного университета права, бизнеса и политики Таджикистана, кандидат юридических наук.

*Reviewer*: RAHMATULOEV A.E. - Professor of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision of the State University of Law, Business and Politics of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences.

*Аннотатсия:* Мақола ба масъалаҳои таъмини кафолатҳои конститутсионии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва қоидаҳои дар амал татбиқ шудани онҳо бахшида шудааст. Муаллиф ба асос ва тартиби мурофиавии ҷиноятии ҳуқуқӣ шикоят овардан нисбати амал, беамалӣ ва санадҳои ғариқонунӣ қабулкардаи мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ диққат дода, бо назардошти амалияи татбиқи принсипҳои адолати судӣ, қоидаҳои ҷориро оид ба тартиби баррасии шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ нисбати амал, беамалӣ ва санадҳои ғайриқонунии мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди таҳлил ва муқоисаи ҳуқуқӣ қарор додааст. Таҳлили назариявии қоидаҳо ва тартиби баррасии шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба муаллиф имконият додааст, ки доир баҳсҳои назариявӣ ва муаммоҳои дар амалияи мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ҷойдошта, фикру андешаҳои худро пешбарӣ ва асоснок намояд.

*Вожаҳои калидӣ:* ҳуқуқ ва озодӣ, кафолати ҳуқуқӣ, принсип, адолати судӣ, тафтиши пешакӣ, таҳқиқ, шикоят, парвандаи ҷиноятӣ, маҳдудият, муфаттиш, прокурор, судя, гумонбар, муҳлати мурофиавӣ.

*Аннотация:* Статья посвящена теоретическим вопросам реализации и обеспечения конституционых принципов правосудия по защите прав и свобод участников уголовного судопроизводства. Анализируя уголовно-процессуальные основания и порядок обжалования участниками уголовного судопроизводства незаконных процессуальных действий и решений органов, осуществляющих производство по уголовному делу, с учетом практики реализации принципа права на обжалование, автор подвергла исследованию сущность, содержание, порядок и способы обжалования процессуальных действий и решений прокурора и органов предварительно расследования, которые могут воспрепятствовать установлению истины по уголовному делу и отожествлению справедливости в уголовном судопроизводстве. В результате теоретического, сравнительно-правового анализа, автору удалось обосновать свои выводы и предложения по имеющимся в литературе и на практике спорным вопросам.

*Ключевые слова:* права и свободы, правовые гарантии, принцип, правосудие, предварительное следствие, дознание, обжалование, уголовное дело, следователь, прокурор, судья, подозреваемый, процессуальный срок.

*Annotation:* The article is devoted to theoretical issues of implementation and provision of the constitutional principles of justice for the protection of the rights and freedoms of participants in criminal proceedings. Analyzing the criminal procedural grounds and the procedure for appealing illegal procedural actions and decisions of the bodies conducting criminal proceedings by participants in criminal proceedings, taking into account the practice of implementing the principle of the right to appeal, the author examined the essence, content, procedure and methods of appealing procedural actions and decisions of the prosecutor and bodies of preliminary investigation, which may prevent the establishment of the truth in a criminal case and the identification of justice in criminal proceedings. As a result of a theoretical, comparative legal analysis, the author managed to substantiate his conclusions and proposals on controversial issues available in the literature and in practice.

*Key words:* rights and freedoms, legal guarantees, principle, justice, preliminary investigation, inquiry, appeal, criminal case, investigator, prosecutor, judging, suspect, procedural term.

Тартиби ягона ва умумии муқарраркардаи қонун оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ на танҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавӣ, балки қоидаҳои иҷрои амалҳои мурофиавӣ, пайдарҳамии марҳила ва иҷрои вазифаҳо, шакли ҳатмии расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятиро дар бар мегирад. Тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар доираи амали принсипҳои конститутсионии адолати судӣ [1, с. 13-14] дар меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, ки барои суд, мақомоти прокуратура, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошанд. Риоя ё иҷро накардани талаботи қонун оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, сарфи назар аз он ки дар кадом асос роҳ дода шудааст, иҷозат дода намешавад ва боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун гардида, санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда беэътибор дониста, бекор карда мешаванд. Чунки ҳар як ҳолати вайронкунии қонун боиси маҳрум ё маҳдуд карда шудани ҳуқуқҳои шахсони дар парванда иштироккунанда, кафолатҳои мурофиавӣ, риоя нашудани расмиёти пешбурди судӣ ё боиси халалрасонӣ ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои парванда, ба баровардани ҳукми одилонаи судӣ таъсир мерасонанд ё метавонанд таъсир расонанд [10, с. 226; 5, с. 213-214].

Барои муайян кардан, ошкор ва бартараф кардани ҳама гуна амалҳои беасос ё ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ қонун кафолат додааст, ки иштирокчиёни мурофиа, шаҳрвандон, намояндагони корхона, муассиса ва ташкилотҳои ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор ҳуқуқ доранд мутобиқи тартиб ва мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун аз амали

(беамалии) шахсони масъул ё аз болои қарори суд, судя, прокурор, сардори воҳиди тафтишотӣ, муфаттиш, сардори воҳиди таҳқиқ ва таҳқиқбаранда шикоят кунанд.

Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дигар шахсоне, ки манфиати онҳо халалдор шудааст, ба мақомоти давлатӣ ё шахси мансабдоре, ки барои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ масъуланд, шикоятро ба тариқи хаттӣ ва шифоҳӣ пешниҳод менамоянд. Ба шикоят маводи иловагиро замима кардан мумкин аст [2, с. 67].

Бо мақсади холисона ҳал кардани шикоят, баррасии он ба зиммаи прокурор ва суд вогузор шудааст, лекин ба зиммаи прокурор ва судяе, ки аз амали онҳо шикоят кардаанд ва инчунин ба зиммаи шахси мансабдоре, ки қарори шикоятшударо тасдиқ намудааст, вогузоштани баррасии шикоят манъ аст.

Пешниҳод шудани шикоят нисбати амал, беамалии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ё санади мурофиавӣ аз ҷониби иштирокчиёни мурофии ҷиноятӣ дар асл ягон «фоҷеаи мудҳиш» нест [6, с. 123]. Аз ҳамин сабаб, шахси шикояткунанда набояд бевосита ё бавосита ба хотири ҳимояи «шарафи рутба, идора ё мақомот» мавриди таъқиб қарор дода шавад, ки бевосита инкор кардани меъёри Конститутсияи ҶТ дониста мешавад. Агар ваҷҳҳо ва маълумоти дар шикоят овардашуда дар натиҷаи баррасӣ тасдиқи худро наёбад ё норозигии иштирокчии мурофиа иштибоҳ ва ё ғайриқонунӣ бошад, қонеъ кардани он рад карда мешавад. Дар акси ҳол, агар ваҷҳҳо ё маълумоти дар шикоят овардашуда дар натиҷаи баррасӣ тасдиқи худро ёбад, дар натиҷаи баррасии он камбудӣ, вайронкунии қонун ва ё ихтилофҳо саривақт бартараф карда мешаванд, ки барои таъмин ва барқарор карда шудани адолат хеле муҳим аст.

Прокурор ё судя дар ҷараёни баррасии шикоят вазифадоранд, ки ваҷҳҳои дар шикоят овардашударо ҳамаҷониба санҷанд, ҳангоми зарурат маводи иловагӣ талаб намоянд ва бо хоҳиши аризадиҳанда вобаста ба амал ва қарори аз он шикоятшуда аз вай тавзеҳот гиранд.

Албатта, ин қоидаҳо барои саривақт ва ҳамаҷониба ҳалли қонунии худро ёфтани арзу шикояти иштирокчиёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ хеле мусоидат мекунанд, лекин амалияи тафтишотию судӣ нишон медиҳад, ки такмил дода шудани ин қоидаҳо аз манфиат холӣ нестанд. Масалан, муаллифон Раҳматулоев А.Э., Қаландарова М.Д., қисми 1 м. 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ)-ро таҳлил намуда қайд мекунанд, ки агар шикоят аз ҷониби прокурор, прокурори болоӣ қонеъ нашуда бошад ва ё дар муҳлати муайянкардаи қонун (се шабонаруз) ҳал нашуда бошад, иштирокчиёни мурофиа ҳуқуқ доранд дар бораи рад кардани қабули шикоят ё рад кардани қонеъ кардани он ба суд шикоят кунад. Бо шикоят ба суди маҳалли ҷойгиршавии мақомоти прокуратура дар давоми як моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳиномаи прокурор дар бораи рад намудани қонеъ гардонии он ё аз рӯзи гузаштани муҳлати як моҳи баъди додани шикоят, ба шарте, ки ба он ҷавоб нарасида бошад, арз кардан мумкин аст. Лекин, муҳлати дар қисми 2 м. 124 КМҶ ҶТ пешбинӣ шуда ба саривақт барқарор шудани ҳуқуқу манфиатҳои масалан, шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда, бинобар дар муҳлати 72 соат дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир карда шудани ӯ мусоидат ва мувофиқат ҳам намекунад. Андешаи муаллифонро дастгирӣ карда гуфтан мумкин аст, ки шикоят бояд аз болои қарори прокурор на ба суди маҳалли ҷойгиршавии мақомоти прокуратура, балки ба суди марҳилаи болоӣ ирсол гардад, то ки холисона баррасӣ ёфтани шикояти гумонбаршуда таъмин карда шавад [7, с. 99].

Муқаррар шудани тартиб ва дар давоми даҳ шабонаруз баррасӣ ёфтани шикояти ғайриқонунӣ дастгиршуда ва дар тавқифгоҳи муваққатӣ нигоҳдошташуда, маънои маротибаи дигар беасос маҳдуд шудани ҳуқуқи уро

оид ба барқарор кардани ҳуқуқу манфиатҳо нишон медиҳад. Ба андешаи мо, баҳри саривақт барқарор шудани ҳуқуқу озодии беасос ё ғайриқонунӣ маҳдудшуда, шикоят бояд на дертар аз сешабонаруз аз лаҳзаи гирифтани он баррасӣ гардад, ки то ки ин масъала аҳаммияти ҳуқуқӣ ва иҷтимоии худро гум накунад. Дар ҳолатҳои истисно, агар барои санҷиши шикоят зарурати талаб карда гирифтани маводи иловагӣ ё андешидани чораҳои дигар пеш ояд, шикоят бояд дар муҳлати на дер аз ҳафт шабонарӯз баррасӣ гардад ва дар ин бора шахси шикояткарда ва манфиатдор огоҳ карда шаванд.

Ғайр аз ин, муқаррароти қонун ба такмил ниёз дорад, чунки қ. 1 м. 124 КМҶ ҶТ имконияти иштирокчиёни мурофиаро, аз ҷумла шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршударо танҳо бо шикоят овардан ба суд «дар бораи рад кардани қабули аризаашон оид ба ҷиноят ё вайрон кардани қонун ҳангоми оғоз, боздоштан ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ» маҳдуд кардааст. Аз ин талаботи қонун бармеояд, ки амал, бамалии дигар ё санадҳои дигари ғайриқонунӣ қабул кардаи мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва прокуратура (ба ғайр аз қабули ариза оид ба ҷиноят ё вайрон кардани қонун ҳангоми оғоз, боздоштан ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ), инчунин нисбати шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда аз доираи масъалаҳое, ки мавзуи шикоят хориҷ шудаанд, ки бе асос аст [8, с. 106]. Ғайр аз ин, ба андешаи мо, ин қоида ба м. 23 КМҶ ҶТ ва моддаҳои 19 ва 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф аст.

Тарафи дигари масъала - муҳим аст, ки иштироки судяе, ки шикояти гумонбаршударо баррасӣ кардааст, дар вақти моҳиятан баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ, агар мавзуи шикоят бо ҳамин парвандаи ҷиноятӣ алоқамандӣ дошта бошад, аз соли 2021 истисно карда шудааст [3, с. 1]. Бинобар ин, аз ҷониби судя баррасӣ шудани ариза ва шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда нисбати амал ё санадҳои ғайриқонунӣ ва беасоси мурофиавии прокурор ва ё мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, дар м. 62 КМҶ ҶТ ба сифати ҳолате, ки иштироки такрории судяро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ истисно мекунанд, пешбинӣ карда шавад. Дар айни замон, қ. 4 м. 124 КМҶ ҶТ низ ба тағйирот ниёз дорад, ки дар матни он бояд, қоидаи «... қарори рад кардани оғоз, боздоштан ё ин ки қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ» ихтисор карда шавад, ки беасос маҳдуд шудани мавзуи шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро бартараф мекунад. Тибқи м. 23 КМҶ ҶТ тамоми амалҳои (ё беамалӣ) мурофиавии ғайриқонунӣ иҷрошуда ё санадҳои беасос ва ғайриқонунӣ қабулшуда метавонанд мавзуи шикояти иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятӣ бошанд ва татбиқи меъёрҳои дигар набояд ба талаботи ин принсипи адолати судӣ мухолиф бошанд.

Ҳамин тарик, имконияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ оид ба шикоят нисбати амал, беамалӣ ва санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо кафолати ҳимояи ҳуқуқу манфиати онҳо, балки яке аз принсипҳои конститутсионии адолати судӣ мебошад, ки ба риоя гаштани тартиби муқарраркардаи қонун оиди ба татбиқи чораҳои маҷбурӣ, иҷрои амалҳои мурофиавӣ, саривақт иҷро шудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, барои пурра, ҳамаҷониба ва холисона муқаррар кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ниҳоят риоя, иҷро ва амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароити мусоид фароҳам меорад.

Аз ҷониби дигар, шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ барои саривақт ошкор ва бартараф карда шудани вайроншавии қонун, барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда; қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал гаштани масъалаҳои мурофиавӣ ёрӣ мерасонад; масъулиятшиносии кормандони ваколатдори давлатиро то дараҷае баланд мебардорад; яке аз имкониятҳои воқеии иштироки намояндагони аҳли ҷамъиятро дар ба амалбарории адолати

судӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамояд. Шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ барои дар амал дуруст татбиқ гаштани чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, риояи ҳадди маҳдудшавии ҳуқуқу озодӣ, ва дар интиҳо ба амалишавии меъёрҳои мурофиавӣ ва моддӣ мусоидат менамояд.

Фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ба зиммаи шахси ваколатдор, ки протоколи амалҳои иҷрошудаи мурофиавиро тартиб медиҳанд, вогузор мешавад. Қайду мустаҳкам шудани ҷараён, пайдарҳамӣ, мазмун ва натиҷаҳои амалҳои мурофиавӣ ва инъикоси ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар сандадҳои дахлдори (дар шакли муқарраркардаи қонун) мурофиавии ҷиноятӣ - яке аз талаботҳои шакли мурофиавӣ мебошад, қайд мекунанд муаллифон А.Э. Раҳматулоев, К.Т. Мухторов, Н.М. Қаххоров [9, с. 30].

Дар чунин ҳолат, як қисми ҳуқуқҳо, ки табиати мурофиавӣ надоранд, мумкин аст аз аҳамияти ҳуқуқӣ холӣ набошанд, ки бинобар иштирок дар мурофиаи ҷиноятӣ маҳдуд шудани онҳо дар санадҳои мурофиавӣ нишон дода намешаванд. Масалан, иштироки гумонбаршудаи дастгиршуда дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ва аҳдҳои ҳуқуқии граждании ё аз тарафи гумонбаршуда харидорӣ намудани озуқаворӣ, инчунин маводи мавриди ниёз ва дигар молҳои саноатӣ ва ғайраҳо, ки бо низом ва тартиботи дохилии тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ алоқаманд аст. Хусусияти кӯтоҳмуддат доштани дастгир кардани мурофиавии ҷиноятӣ аз гумонбаршуда донистани ҳамаи қоидаҳои имконпазирро, ки ҳатто табиати мурофиавӣ надошта бошад ҳам, талаб мекунад, зеро механизми татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ба арзи вуҷуд кардани маҳдудиятҳои ба ин низом вобаста, алоқаманд мебошад.

Гумонбаршуда шикоят пешниҳод карда, беасос будани гумонбариро нисбаташ инкор ё рад мекунад, маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои худро беасос медонад. Бо роҳи пешниҳоди шикоят мумкин аст ба он мусоидат намояд, ки гумон ё тахминҳои гумонбарӣ бартараф шаванд, шахсони воқеан ҷиноятсодиркарда муайян карда шуда, шахси бегуноҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашавад. Лекин, чунин имконият он гоҳ амалӣ мешавад, ки агар барои татбиқи ҳуқуқҳои гумонбаршуда ё иштирокчиёни дигари мурофиаягон монеа эҷод карда нашавад.

З.Ҳ. Искандаров бамаврид қайд мекунад, ки функсияи ҳимоя аз давраи тафтишоти пешакӣ то пешниҳоди айб ин фаъолияти мурофиавии гумонбаршуда ва ҳимоятгари ӯ, ки барои рад кардани гумонбарӣ, дарёфти ҳолатҳое, ки гумонбариро истисно менамояд, ҷавобгарии ӯро сабук мекунад ва инчунин ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкии ӯро ҳифз мекунад, иборат мебошад [4, с. 105-112].

Бинобар ҳолатҳои таҳлилшуда пешниҳод менамоем:

1) Қонун мухлати маҳдуд карда шудани озодии шахсро, инчунин мухлати иҷрои амалҳоеро, ки ҳангоми дастгир кардан амалӣ мешаванд, бо соат муқаррар кардааст. Бинобар ин, дар м. 123 КМҶ ҶТ пешбинӣ карда шавад, ки прокурор вазифадор аст, ки шикояти гумонбаршуда ва ё ҳимоятгари ӯро дар бораи ғайриқонунӣ ва ё беасос ба сифати гумонбаршуда дастгир шудан дар давоми се соат аз лаҳзаи гирифтани шикоят баррасӣ кунад. Дар ҳолатҳои истисно, агар барои санҷиши шикоят зарурати талаб карда гирифтани маводи иловагӣ ё андешидани чораҳои дигар пеш ояд, мумкин аст, ки шикоят дар мухлати то ҳашт соат баррасӣ гардад ва дар ин бора шахси шикояткарда ва шахсони манфиатдор огоҳ карда шаванд.

2) Дар м.124 КМҶ мавзуи шикоят «бо рад кардани қабули ариза оид ба ҷиноят ё вайрон кардани қонун ҳангоми оғоз, боздоштан ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ» маҳдуд карда шуда, кафолати баррасии судии шикояти шахси дастгиршуда ва иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар канор мондааст, ки мухолифи принсипҳои адолати судӣ аст (м. 23 КМҶ ҶТ). Бинобар ин, дар м.124 КМҶ пешбинӣ карда шавад, ки агар

шикояти ва иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла гумонбаршуда аз ҷониби прокурор, прокурори болоӣ қонеъ нашуда бошад ва ё дар мухлати муайянкардаи Кодекси мазкур ҳал нашуда бошад, онҳо ҳуқуқ доранд дар бораи рад кардани қонеъ кардани шикоят оид вайрон кардани қонун ҳангоми дастгир кардан ва ё низоми нигоҳдории тавқифгоҳи муваққатӣ ба суд шикоят кунад.

3) Бо мақсади баррасӣ холисонаи шикояти гумонбаршуда дар бораи амал ё санадҳои беасос ва ғайриқонунӣ, бояд дар қонун пешбинӣ гардад, ки шикояти ва иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла гумонбаршуда аз болои қарори прокурор дар бораи рад кардани қонеъ кардани шикоят на дар суди маҳалли ҷойгиршавии мақомоти прокуратура, балки дар суди марҳилаи болоӣ дар давоми на дертар аз 24 соат аз лаҳзаи гирифтани огоҳиномаи прокурор дар бораи рад намудани қонеъгардонии шикоят баррасӣ гардад.

4) Ба м. 124 КМҶ ҶТ меъёре, илова карда шавад, ки мутобиқи он судя дар бораи қонунӣ ва асоснок будани амал, беамалӣ ва қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурорро вобаста ба дастгир кардан дар муҳлати на кам аз 3 соати аз лаҳзаи ба суд пешниҳод шудани аризаи шикоятӣ ё то ба охир расидани муҳлати дастгиркунӣ дар маҷлиси судӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

5) Судя аризаи шикоятиро мавриди баррасӣ қарор дода, бояд воқеан хабардор кардани гумонбаршударо бо низом ва тартиботи дохилии тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ дар шакли хаттӣ бо имзояш аз маъмурияти ҷойи нигоҳдории муваққатии дастгиршуда талаб намояд. Нусхаи хабарнома ба суд пешниҳод шуда, ба маводди судӣ ҳамроҳ карда шавад.

6) Дар ҳолати ба суд пешниҳод накардани маводҳои зарурӣ ва аризаи шикоятии дастгиршуда ва ё ҳимоятгари ӯ дар бобати санҷиши қонунӣ ва асоснок будани дастгир кардан, судя бояд дар маҷлиси судӣ дар бораи қатъ ё манъ карда шудани татбиқи чораи маҷбуркунӣ қарор қабул намуда, шахси дастгиршударо аз тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ озод намояд. Асоси бекор кардани қарори судя аз тарафи суди болоӣ, минбаъд беасос ва ё беадолатона будани қарори судяро, ки шикояти гумонбаршударо баррасӣ кардааст, тасдиқ мекунад.

7) Тибқи м. 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст. Аз ин лиҳоз, дар м. 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда" пешбинӣ карда шавад, ки таклиф ва арзу шикояти гумонбаршуда, айбдоршаванда, ки ба дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин ҳимоятгар ирсол гардидаанд аз тарафи маъмурияти ҷойҳои нигоҳдории муваққатӣ, ҷойи дар ҳабс нигоҳ доштан баррасӣ шуда, вобаста ба мансубият на дертар аз 24 соат аз лаҳзаи супоридани онҳо фиристода шаванд.

Таъмини ҳақиқии риоя ва ичрои принсипи конститутсионии дахлнопазирии шахс дар пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки низоми кафолати ҳуқуқӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони дар мурофиа иштироккунанда, аз ҷумла шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда аз рӯи меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ марбут ба ин масъалаҳо, қатъиян риоя карда шавад.

Аҳаммияти қоидаҳои мурофиавии баррасии шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар он ифода меёбад, ки мазмуни онҳо пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро ҳамчун низоми муайяни танзимёфтаи амалҳо, бо тартиби қатъиян муайян, умумиҳатмӣ, мураттаб, ягона ва пай дар ҳам инъикос мекунанд, ки аз вазифа ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ бармеоянд, ки дар интиҳо бояд ба амалбарории адолати судиро оид ба парвандаи ҷиноятӣ таъмин намоянд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016). - Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009, № 564 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонунҳои ҶТ аз 04.07.2020, № 1696, аз 04.07.2020, № 1702, аз 29.01.2021, № 1755.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2021, № 1777.
4. Искандаров, З.Х. Обжалование защитником действий дознавателя, следователя и прокурора / З.Х. Искандаров // Государство и право. - Душанбе. - 1996. - № 1. - С. 105-112.
5. Раҳмон, Ю.А. Назорати прокурорӣ: китоби дарсӣ / Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 390 с.
6. Раҳматулоев, А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / А.Э. Раҳматулоев. – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – 632 с.
7. Раҳматулоев, А.Э., Қаландарова, М.Д. Принсипҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ - кафолати таъмини адолати иҷтимоӣ / А.Э. Раҳматулоев, М.Д. Қаландарова. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2012. - 128 с.
8. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. Нашри 2. / А.Э. Раҳматулоев. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 664 с.
9. Раҳматулоев, А.Э., Мухторов, К.Т., Қаҳҳоров, Н.М. Амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ / А.Э. Раҳматулоев, К.Т. Мухторов, Н.М. Қаҳҳоров. – Хуҷанд: Хуросон, - 2019, - 290 с.
10. Юлдошев, Р.Р. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 556 с.

**References**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan. from November 6, 1994 (with amendments from September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016). - Dushanbe: Ganj, 2016. – 135 p.
2. The Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan dated December 3. 2009, No. 564 News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. Laws of the Republic of Tajikistan dated 04.07.2020, No. 1696, dated 04.07.2020, No. 1702, dated 29.01.2021, No. 1755.
3. The Law of the Republic of Tajikistan "On Amendments to the Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan dated 20.04.2021, No. 1777.
4. Iskandarov, Z.Kh. Appeal by the defender of the actions of the interrogating officer, investigator and prosecutor / Z.Kh. Iskandarov // State and Law. - Dushanbe. - 1996. - No. 1. - P. 105-112.
5. Rahman, Yu.A. Prosecutor's control: a textbook / Yu.A. Rahman. - Dushanbe: Irfan, 2019. - 390 p.
6. Rakhmatuloev, A.E. Criminal procedure: textbook / A.E. Rahmatuloev. - Khujand: Khorasan, 2016. - 632 p.
7. Rakhmatuloev, A.E., Qalandarova, M.D. Principles of justice in criminal cases - guarantee of social justice / A.E. Rakhmatuloev, M.D. Qalandarova. - Khujand: Meraj, 2012. - 128 p.
8. Rahmatuloev A.E. Criminal procedure: textbook. Edition 2. / A.E. Rahmatuloev. - Khujand: Khorasan, 2019. - 664 p.
9. Rakhmatuloev, A.E., Mukhtorov, K.T., Kakhorov, N.M. Implementation of legal norms and regulation of criminal procedural relations / A.E. Rakhmatuloev, K.T. Mukhtorov, N.M. Kahkharov. - Khujand: Khorasan, - 2019, - 290 p.
10. Yuldoshev, R.R. Criminal procedure: textbook / R.R. Yuldoshev. - Dushanbe: ER-graf, 2018. - 556 p.

ТДУ 342.515:328.185

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ

# РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В ПРОТИВОДЕЙСВИИ КОРРУПЦИИ

# THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN COUNTERACTING CORRUPTION

САЛИМЗОДА С.Ҳ.
SALIMZODA S.KH.
*Сардори Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Душанбе*
*Начальник Управления Агенства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан по городу Душанбе*
*Head of Department of the Agency for state financial control and combating corruption of the Republic of Tajikistan in Dushanbe city*



e-mail: dushanbe@anticorruption.tj

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

*Научная специальность:* 12.00.01 – теория и история права и государства; история правовых и политических учений.

*Scientific specialty:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; History of legal and political teachings.

*Тақриздиҳанда:* ҲУСЕЙНЗОДА С.Ҳ. – сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психолонияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия.

*Рецезент*: ХУСЕЙНЗОДА С.Х. – начальник кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник милиции.

*Reviwer*: KHUSEYNZODA S.KH. - Head of the Department of Criminal Law, Criminology and Psychology, Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Lieutenant Colonel of the militia.

*Аннотатсия*: Дар мақола муаллиф таҳлили нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар мубориза бо коррупсия ва роҳҳои пешгирии хатарҳои коррупсионӣ пешниҳод менамояд. Базаи назарраси санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби Сарвари давлат аз замони соҳибистиқлолӣ то имрӯз ба имзо расидаанд, пешкаш мегардад, ки аз фаъолияти фаъоли Пешвои миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рафъи ин падидаи номатлуб шаҳодат медиҳад. Ба андешаи муаллиф, ҳадаф аз қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва татбиқи онҳо ин аз байн бурдани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва пешгирии хатару таҳдидҳои коррупсионӣ дар ҷомеа мебошад.

*Вожаҳои калидӣ*: Пешвои миллат, Сарвари давлат, коррупсия, муқовимат, сиёсати зиддикоррупсионӣ, қонун, ҷомеа, давлат, мубориза.

*Аннотация*: В статье автором представлен анализ роли Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона в борьбе с коррупцией. Представлена значительная база нормативных правовых актов, подписанных главой республики с момента приобретения независимости по настоящее время, что свидетельствует об активной деятельности Лидера Нации и Правительства Республики Таджикистан по искоренению этого неготивного явления. По мнению автора, целью принятия нормативных правовых актов и их реализация является устранение причин и условий, способствующих коррупции и предотвращение коррупционных рисков и угроз в обществе.
*Ключевые слова:* Лидер нации, глава государства, коррупция, противодействие, антикоррупционная политика, закон, общество, государство, борьба.

*Annotation*: In the article, the author presents an analysis of the role of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, in the fight against corruption. A significant base of normative legal acts signed by the Head of the Republic from the moment of independence to the present is presented, which indicates the active work of the Leader of the Nation and the Government of the Republic of Tajikistan to eradicate this negative phenomenon. According to the author, the purpose of the adoption of regulatory legal acts and their implementation is to eliminate the causes and conditions conducive to corruption and to prevent corruption risks and threats in society.
*Key words*: Leader of the Nation, Head of State, corruption, counteraction, anti-corruption policy, law, society, state, struggle.

Муқовимат бо коррупсия ва роҳҳои пешгирии он пайваста бо рушди тамаддуни инсонӣ дар шаклҳои нав зоҳир мегардад. Аммо ҷомеаи ҷаҳонӣ, новобаста аз он ки маҳкумкунии дастаҷамъонаи ин падидаи номатлуб ва андозаи бузурги зарари он дар рушди ҷомеа эътироф гардидааст, ҳанӯз ҳам дар сатҳи кофӣ ба муваффақият ноил нагаштааст.

Дар замони ҳозира масъалаи таҳияи омилҳои самараноки сиёсию идеологӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, сиёсию идоракунии муқовимат бо падидаҳои коррупсионӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддии ҳам аҳли илм ва ҳам мақомоти ҳокимияти давлатӣ қарор гирифтааст. Зарурати баррасии иқдомот барои муқовимат бо падидаҳои манфии сиёсӣ, ки натиҷаи мушкилоти буҳронӣ дар раванди давлатдорӣ мебошанд, таҳлили сиёсии муқовимат бо коррупсияро дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатии Тоҷикистони муосир ба масъалаи доғи рӯз табдил додааст. Ошкорсозии омилҳои муқовимат бо падидаҳои коррупсионӣ дар сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва муайян кардани роҳҳои самараноки пешгирӣ ва ба ҳадди ақал расонидани падидаҳои коррупсионӣ дар кишвар аҳаммияти хоссаи илмӣ пайдо кардааст. Бинобар ин, бо такя ба омилҳои номбурда масъалаи пажӯҳиши дарёфти роҳу воситаҳо ва омилҳои сиёсиву ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар сохтори мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи басо муҳим ба шумор меравад. Илми муосири ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, мафҳуми коррупсияро ҳамчун мафҳуми умумиилмӣ баррасӣ карда, дарки илмӣ, кушодани мазмуну мундариҷаи онро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Коррупсия падидаи иҷтимоии бисёрҷанба буда, дар шаклҳои мухталиф зуҳур меёбад, ки ҳолати мазкур ошкор намудани моҳияти онро душвор мегардонад. Ин вазифа сараввал ҳадафи аниқу дақиқ муайян кардани мафҳуми коррупсияро дорад, ки он мафҳуми бунёдӣ ва асоси методологии таҳқиқот ба шумор меравад. Ҳангоми таҳқиқи масъалаи коррупсия - ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ, муҳаққиқон ба асосҳои гуногуни назариявӣ такя мекунанд, ки ҳар яке аз онҳо бартарӣ ва норасоиҳои худро доранд. Дар доираи муносибати классикӣ, анъанавӣ ё «идеалистию фалсафӣ», ки бо номи «ахлоқӣ» низ маъруф аст, истилоҳи «коррупсия», асосан барои тавсифи ҳолати умумии ахлоқию маънавии ҷомеа истифода мешуд. Ҳамин гуна ақидаро

нисбат ба коррупсия Афлотун, Арасту, Фукидид, Макиавелли тарафдорӣ мекарданд. Масалан, ба ақидаи Арасту, худи нобаробарӣ ва беадолатӣ сарчашмаи асосии коррупсия маҳсуб гардида, намунаи чунин давлати «таназзулёфта» ва «нодуруст»-е, ки дар он коррупсия ба баландтарин сохторҳои ҳокимият осеб расонидааст, истибдод мебошад [1, с. 456, 547]. Дар баробар ин, масъалаи коррупсия аз дидгоҳи этикаи ҷамъиятӣ ва тарбияи ахлоқ ва иртиботи он бо заъфи асосҳои қонунгузорӣ аз тарафи мутафаккирони аврупоӣ Макиавелли, Ш.Л. Монтеские, Г.Г. Гротсий, Т. Гоббс, Ж.Ж. Руссо ва дигарон дар асрҳои миёна мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд [2, с. 42].

Таҳлилгарони тоҷик ба ин масъала рӯ оварда таъкид мекунанд, ки дар замони ҳозира дар адабиёти сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва санадҳои меъёрии кишварҳои мухталиф таърифҳои гуногуни коррупсия дода мешавад. Чунончи, дар санадҳои СММ дар бораи муборизаи байналмилалӣ бар зидди коррупсия падидаи мазкур ҳамчун суиистифодаи ҳокимияти давлатӣ барои ба даст овардани манфиат ва мақсадҳои шахсӣ таъриф карда мешавад.

Муҳаққиқ Ҳасанов Ш.Қ. қайд мекунад, ки коррупсия аз ҳудуди ришвахӯрӣ дида, хеле васеътару фаротар буда, ҳамзамон, он яке аз намудҳои асосии иқтисодиёти ниҳонӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқи рус А.И. Кирпичников бошад, моҳияти падидаи коррупсияро аниқ дарк намуда, қайд мекунад, ки коррупсия – ин зангзании ҳокимият аст. Мисли он ки занг оҳанро мехӯрад, коррупсия ҳам дастгоҳи давлатро хароб месозад ва асосҳои ахлоқии давлатро мехӯрад.

Дар адабиёти илмӣ бархе муаллифон тасдиқ мекунанд, ки коррупсия натиҷаи иштибоҳҳои давлат аст ва давлат қодир аст, ки на танҳо ин иштибоҳҳоро ошкор намояд, балки ба аз байн бурдани онҳо мусоидат намояд [3, с. 22].

Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳо ва меъёрҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ, принсип ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии аз ҷониби умум эътирофшуда асос ёфтааст. Сиёсати зиддикоррупсионии илман асоснок бояд дар заминаи таҳқиқот ва ошкорсозии сабабҳо ва шароити пайдоиши коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ сурат гирад. Ҳамин тариқ, ҷанбаҳои методологию назариявии коррупсияро омӯхта, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сиёсати зиддикоррупсионӣ ин маҷмуи тадбирҳои давлатӣ доир ба муқовимат бо каҷрафтории шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ мебошад. Коррупсия падидаи номатлуби ҷомеа маҳсуб мегардад ва дар мухолифат бо он нақши тарбияи сиёсию ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳимми ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ афзун аст.

Бояд зикр намуд, ки рафъи чунин падидаи номатлуби ҷомеа аз арзиши хоси иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию маънавӣ бархӯрдор мебошад, чунки коррупсия дар роҳи инкишоф ва рушди минбаъдаи давлат ва ҷомеаи муосир монеаи басо ҷиддӣ дар мебошад. Имрӯз масъалаи муқовимат бо коррупсия яке аз мубрамтарин мушкилоти ҷомеаи кунунӣ мебошад, зеро дар низоми идоракунии давлатӣ доираи амалҳои коррупсионӣ ба миқёси таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ расидааст. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳлилу тадқиқи сабабу хусусиятҳои пайдоиши коррупсия ба яке аз масоили умда, мубрам ва доғи рӯз табдил ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун, дигар давлатҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ қарор дорад ва онро муаммоҳои зиёде, аз ҷумлаи терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон ва ба инҳо монанд, ки дар байни онҳо коррупсия мавқеи махсусро ишғол менамояд, фаро гирифтааст.

Аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мубориза бо коррупсияро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, дар ин замина як силсила қонун, консепсия ва стратегияҳо таҳия ва қабул гардидаанд. Аз ҷумла, моҳи июли соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия», ки яке аз тадбирҳои асосии ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ба ҳисоб меравад, ба тавсиб расонид. Дар баробар ин, ду маротиба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» 11-уми декабри соли 1999, 25-уми июли соли 2005, 7-уми августи соли 2020 [4] ва дигар санадҳои зериқонунии қабулгардида аз ҳамин қабиланд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии Ҳукумати мамлакат, ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷети давлатӣ, пешгирии кирдорҳои коррупсионӣ мубориза бурда, ба натиҷа ва дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд.

Ташкилу фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии муқовимат ба коррупсия дар мамлакат ба монанди муборизаи дастаҷамъона бар зидди терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятқорӣ аз иродаи сиёсӣ ва ташаббусҳои созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад. Бо мақсади муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зиддикоррупсионии давлат ва муборизаи бевосита ба омилҳои коррупсионӣ Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон 10-уми январи соли 2007 мақомоти махсусгардонидашуда – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод.

Вазифаҳои асосии ин мақомот аз назорати давлатии молиявӣ, пешгирӣ, барҳам додан ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ ва амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои сиёсати зиддикоррупсионии давлатӣ иборат мебошад.

Ҳамзамон, 30-уми августи соли 2013 Пешвои миллат «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020» ба тасвиб расонд, ки дар чаҳорчӯбаи он самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди коррупсия муайян карда шуда, тибқи стратегияи мазкур таъмини рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ, ташкил ва таъмини идоракунии муносиб дар мақомоти давлатӣ ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, устувор намудани боварии мардум ба давлат, иштироки васеи ҷомеа дар идоракунии давлатӣ ҳамчун ҷонибдорииислоҳоти давлатӣ, баланд бардоштани эътимоднокии шаҳрвандонро ба фаъолияти сохторҳои давлатӣ муайян ва мушаххас гардонид [5].

Бо дарназардошти зарурати ҳалли ҳамин масъала, бо ташаббуси Пешвои миллат Шурои миллии муқовимат бо коррупсия таъсис дода шудааст, ки вазифаи асосии он аз ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта иборат буда, ки барои баланд бардоштани масъулияти сиёсии намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маъракаҳои сиёсӣ, шаффофияти маблағгузории ҳизбҳо, раванди овоздиҳии интихобкунандагон ва танзими низои манфиатҳо дар хизмати давлатӣ мусоидат менамояд.

Новобаста ба корҳои анҷомёфта ва таҳқиқотҳои гузаронидашуда мавзуи мазкур барои Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ҷаҳон ҳамчунон мубрам боқӣ мемонад. Коррупсия бошад, костакунандаи қонуният, адолат, рушди иқтисодиёт, боварии мардум ба давлат ва аз ин лиҳоз, боиси ташвишу нигарониҳои ахлоқиву сиёсӣ буда, мубориза бар зидди он талошҳои пайгиронаи мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа, истифодаи дастовард ва таҷрибаи байналхалқиро дар ин соҳа талаб мекунад» [6, с. 199].

Пешвои миллат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солагии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст ишора намуда, чунин таъкид намудаанд: «Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо, яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба

омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем» [7].

Ҳамин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба омӯзиш ва баррасии мушкилоти коррупсия таваҷҷуҳи махсус дода шуда, ҷанбаҳои алоҳидаи он - омил ва сабабҳои асосии сар задани амалҳои коррупсионӣ, пайомадҳои шаклҳои алоҳидаи амалҳои коррупсионӣ, заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо коррупсия, механизмҳои умумии маҳдуд намудани амалҳои коррупсионӣ аз ҷониби сиёсатшиносон, ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муҳаққиқони мазкур такмил додани низоми сиёсии ҷомеаро кафолати асосии мубориза бар зидди коррупсия медонанд. Бинобар ин, имрӯз муқовимати фаъол бо падидаҳои коррупсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор меравад.

Дар доираи илмҳои сиёсӣ амалҳои коррупсиониро метавон, пеш аз ҳама, ба сифати шакли махсуси муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ намуд, ки он натиҷаи тағйирёбии арзишҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ дар шуури оммавӣ, ба ҳукми қонун даромадани амалҳои номатлуб, имконоти алтернативии худсозмондиҳӣ дар шароити номуайянӣ ва бисёрҷабҳаи дигаргуниҳои сиёсӣ алоқаманд мебошад. Таҳлили сиёсии фаъолияти зиддикоррупсионии давлат тавассути таҳия ва қабули қарорҳои муносиб дар низоми идоракунии давлат, пешгирӣ ва ба ҳадди ақал расонидани падидаҳои коррупсионӣ ба мавзӯи доғи рӯзи ҷомеа табдил ёфтааст. Мубориза ба ин падидаи номатлуб дар тамоми давру замон диққати ҳамагонро ба худ ҷалб намудааст, чунки он ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо метавонанд таъсири фоҷеабори худро расонад. Доир ба оқибатҳои ногувори коррупсия Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми декабри соли 2019 зикр намуд, ки “Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад” [8]. Дар ҳақиқат, бадтарин зарари коррупсия ба сохторҳои давлату давлатдорӣ, ин дар миёни аҳли ҷомеа бедор кардани ҳисси нобоварӣ ба ниҳодҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Ба хотири ҳифзи дастовардҳои бунёдии даврони соҳибистиқлолӣ ва Ваҳдати миллӣ, ки омилҳои коррупсионӣ ба он таъсири манфӣ мерасонад, муқовимат бо коррупсия дар меҳвари асосии сиёсати Пешвои миллат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст.

Дар натиҷаи азму талош ва ҷонбозиҳои зиёд хиради азалии халқи тоҷик собит сохт, ки ваҳдати миллӣ ва ҳамдигарфаҳмии афроди ҷомеа муҳимтарин омили пешрафти давлату миллат мебошад. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки дар Ватани азизамон ваҳдати миллӣ, сулҳи пойдору суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фазои озоди бунёдкориву созандагӣ фароҳам оварда шуд.

Аз нуқтаи назар, коррупсия асосан аз унсурҳои мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва амалишавии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз гардида, самаранокии муқовимат ба он аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Аристотель. Сочинения. В 4 т. Т.4 / Аристотель. – М.: Мысль, 1983. - 830 с.
2. Гражданское политической мысли Европы: от античности до первой трети XIX века // Международный исторический общество в истории журнал. – 2000. – № 10.
3. Ҳасанов, Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муҷовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон): автореф…дис. Доктори илмҳои сиёсӣ: 23.00.02 / Шарифхуҷа Қозиевич Ҳасанов. – Душанбе, 2021. – 100 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия», аз 7-уми августи с. 2020, № 1714 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020. № 7-9, мод. 620.
5. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020 аз 30-юми августи соли 2013, № 1504 // Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии «Адлия»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли 7.0
6. Халифаев, М.Х. Ҳамоҳангсози сиёсати зиддикоррупсионӣ / М.Х. Халифаев // Прокуратураи Тоҷикистон – 80 сол. – Душанбе: Сарпараст, 2004. – 124 с.
7. Раҳмон, Э. Бахри волоияти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон: маъруза дар ҷамъомади кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солагии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Эмомалӣ Раҳмон // Народная газета. – 2005. – № 1.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. Душанбе, 26-уми декабри соли 2019 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: http://president.tj/node/21975 (санаи муроҷиат: 17.04.2022).

**References**

1. Aristotle. Works. In 4 vols. T.4 / Aristotle. - M.: Thought, 1983. - 830 p.
2. Civil political thought of Europe: from antiquity to the first third of the 19th century // International Historical Society in History Journal. - 2000. - No. 10. 2000. - No. 10.
3. Hasanov, Sh.K. Political and legal factors of dealing with corruption in state authorities (based on the experience of the Republic of Tajikistan): autoref...dis. Doctor of political sciences: 23.00.02 / Sharifhuja Kozievich Hasanov. - Monday, 2021. - 100 p.
4. The Law of the Republic of Tajikistan "On Combating Corruption", dated August 7, p. 2020, No. 1714 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan in 2020. No. 7-9, art. 620.
5. Strategy of resistance to corruption in the Republic of Tajikistan in 2013-2020 from August 30, 2013, No. 1504 // Centralized legal database "Justice" of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Form 7.0
6. Khalifaev, M.Kh. Coordinator of anti-corruption policy / M.Kh. Khalifaev // Prosecutor's office of Tajikistan - 80 years. - Dushanbe: Sarparast, 2004. - 124 p.
7. Rahmon, E. The rule of law, the interests of the state and the rights of citizens: a speech at the gathering of law enforcement officials dedicated to the 80th anniversary of the Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan / Emomali Rahmon // Narodnaya Gazeta. - 2005. - No. 1.
8. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, Muharram Emomali Rahman to the Supreme Council. Monday, December 26, 2019 // [Electronic source] - Login mode: http://president.tj/node/21975 (date of application: 04/17/2022).

ТДУ 343.98

# ИТТИЛООТИ ЭЛЕКТРОНӢ-РАҚАМӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР НИЗОМИ ДАЛЕЛҲО ОИД БА ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

# ЭЛЕКТРОННО-ЦИФРОВАЯ ИНФОРМАЦИЯ И ЕЁ МЕСТО В СИСТЕМЕ ДОКАЗАТЕЛЬСТВ ПО УГОЛОВНЫМ ДЕЛАМ

# ELECTRONIC-DIGITAL INFORMATION AND ITS PLACE IN THE SYSTEM OF EVIDENCE IN CRIMINAL CASES

Салимов Б.А.
Salimov B.A.
*Муовини сардори кафедраи Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, подполковники адлия*
*Заместитель начальника кафедры Высшей школы ГКНБ Республики Тадикистан, соискатель кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета, подполковник юстиции*
*Deputy Head of the Department of the Higher School of the State Committee for National Security of the Republic of Taldikistan, Applicant for the Department of Criminalistics and Forensic Activities of the Faculty of Law of the Tajik National University, Lieutenant Colonel of Justice*



E-mail Salimov.romish@bk.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.12 - криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

*Научная специальность:* 12.00.12 - криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность.

*Scientific specialty:* 12.00.12 - criminalistics; forensic activities; operational investigative activities.

*Тақриздиҳанда:* Назаров А. - мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

*Рецензент:* Назаров А. - заведующий кафедрой криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук.

*Reviewer:* Nazarov A. - Head of the Department of Criminalistics and Forensic Activities of the Faculty of Law of the Tajik National University, Doctor of Law.

*Аннотатсия:* Дар мақола моҳияти криминалистии иттилооти электронӣ-рақамӣ ва инъикоси он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳлил гардида, инчунин, дар хусуси такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба масъалаи баррасишаванда пешниҳодҳои асоснок матраҳ шудаанд.

*Вожаҳои калидӣ:* иттилоот, иттилооти компютерӣ, иттилооти электронӣ-рақамӣ, сигналҳои фосиладор (дискретӣ), ҳомили электронии иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ, бақайдгирӣ.

*Аннотация*: В статье рассматривается криминалистическая сущность электронно-

цифровой информации, её отражение в нормативных правовых актах, а также представляются обоснованные предложения по совершенствованию уголовного и уголовно-процессуального законодательства относительно рассматриваемого вопроса.

*Ключевые слова*: информация, компьютерная информация, электронно-цифровая информация, дискретные сигналы, электронные носители информации, информационные технологии, фиксация.

*Annotation:* The article discusses the forensic essence of electronic digital information, its reflection in regulatory legal acts, and also presents reasonable proposals for improving the criminal and criminal procedural legislation regarding the issue under consideration.

*Keywords*: information, computer information, electronic-digital information, discrete signals, electronic media, information technology, fixation.

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, алалхусус, интернет дар ҷомеа барои инсоният имкониятҳои зиёде фароҳам овард. Интернет дастрасиро ба иттилоот таъмин карда, муошират, идоракунӣ, тиҷорат ва рушди иқтисодии ҷомеаро осон намуд. Тибқи гузориши Digital 2021, ки аз ҷониби We Are Social ва Hootsuite омода карда шудааст, дар саросари ҷаҳон 4,66 миллиард корбарони Интернет мавҷуданд. Ин 59,5% аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Аз шабакаҳои иҷтимоӣ 4,2 миллиард нафар ё 53,6% аҳолӣ истифода мебаранд. Истифодабарандагони телефонҳои мобилӣ бештаранд - 5,22 миллиард ё 66,6% [1].

Интернет ба манбаи глобалии нигоҳдорӣ ва паҳнкунии иттилоот, аз ҷумла, иттилооти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим табдил ёфтааст. Муҳити рақамии бехатар, устувор ва дастрас барои тамоми ҷомеа зарур аст ва аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои назоратӣ талаб мекунад, ки барои коҳиш додани хатарҳои истифодаи он дар фаъолияти ҷиноятӣ чораҷӯӣ намоянд.

Ҳар сол шумораи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои электронӣ-рақамӣ содир мешаванд, меафзоянд. Аз ҷумла, боиси нигаронӣ аст, ки солҳои охир гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва намояндагони алоҳидаи онҳо барои таблиғоти радикалӣ, паҳн намудани маводи мамнӯъ, ҷамъоварии маблағ, ҷалби аъзои нав, омӯзонидан ва роҳандозӣ кардани амалҳои террористию ифротӣ аз имкониятҳои интернет ва дигар технологияҳои электронӣ-рақамӣ васеъ истифода мебаранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26-уми декабри соли 2019 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро ба қатлу куштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд» [15].

Аксар вақт иттилооте, ки дар интернет ва дигар манбаъҳои электронӣ маҳфузанд, барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ асос шуда, баъдан далел эътироф карда мешаванд. Дар баробари ин мақомоти таҳқиқ ва тафтишот дар ошкор ва кушодани ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содир мешаванд, ба душвориҳо дучор мешаванд. Ин, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои иттилооти электронӣ-рақамӣ вобаста аст. Интернет ва технологияҳои электронӣ-рақамӣ дар таҳаввулоти доимӣ ва босуръат қарор доранд ва дорои сохтори мураккаби техникӣ мебошанд.

Бо дарназардошти ин ҳолат, мақомоти тафтишоти пешакӣ бояд тактикаи ошкор ва бақайдгирии маълумоти исботкунандаи амалҳои ҷиноятиро бо назардошти таҳаввулоти илму техника таҳия кунанд, то аз тағйирот дар фазои интернет ва тактикаи рақамӣ, ки гурӯҳҳои ҷиноӣ истифода мебаранд, огоҳ бошанд.

Инчунин, дар хотир бояд дошт, ки ҳангоми содирнамудани ҷиноят бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ, изи он на дар объектҳои мушаххас дар шакли моддӣ, балки дар шакли иттилооти рақамӣ дар ҳомилҳои электронӣ бо кӣ мемонад. Барои дар раванди исботкунӣ истифода бурдани маълумоти рақамӣ, ба он шакли мурофиавӣ додан лозимаст.

Бояд гуфт, ки интиқоли иттилоот тавассути сигналҳо сурат мегирад. Сигналҳо рамзҳои иттилоотӣ мебошанд, ки барои интиқоли паёмҳо пешбинӣ шудаанд. Гулханҳои сигналӣ яке аз усулҳои аввалини интиқоли паёмҳо буданд. Масалан, вақте ки таҳдиди ҳамла ба миён меомад, низомиён пайваста аз як дидбонгоҳ ба дидбонгоҳи дигар оташ меафрӯхтанд.

Сигналҳо аналогӣ ва дискретӣ мешаванд. Узвҳои ҳиссиёти инсон ҳама маълумотро дар шакли аналогӣ қабул мекунад. Масалан, агар мо мошинро бинем, ки аз як ҷо гузашта истодааст, пас, мо онро пайваста мебинем. Қариб тамоми иттилооте, ки дар табиат пайдо мешавад, аналогӣ буда, пайвастаанд.

Сигнали дискретӣ номуназзам (канда-канда) аст, ки бо пайдарпайии рамзҳои рақамӣ ифода карда мешавад ва дорои дурамз «1» ва «0» мебошад.

Иттилоот дар шакли дискретӣ тавассути дастгоҳҳои компютерӣ ва системаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ нигоҳ дошт, коркард ва интиқол меёбад. Дар криминалистика ин намудииттилоот мошинӣ, компютерӣ, электронӣ ё рақамӣ номида мешавад. Чунин номгузорӣ шудан, пеш аз ҳама, ба рушди технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд аст. Вожаи ягона барои номгузории ин навъи иттилоот вуҷуд надорад. Дар аввал ин гуна иттилоот «мошинӣ» номида мешуд, зеро он ба воситаи мошинаҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ) коркард мешуд. Баъдан, ин ном ба «компютерӣ» табдил ёфт, зеро истилоҳи «компютер» ба ҷойи номи МЭҲ омад ва, пас аз ин, вожаи «электронӣ-рақамӣ» пайдо шуд.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҷумҳурӣ мафҳуми «иттилооти рақамӣ» муқаррар карда нашудааст ва ин истилоҳ танҳо дар як меъёр, яъне дар қисми 5 моддаи 199 (Қоидаҳои умумии пурсиш)-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) зикр гардидааст ва дар он гуфта шудааст, ки «Агар нишондод бо *маълумоти рақамӣ* ё маълумоти дигар вобаста бошад, ки дар хотир нигоҳ доштани онҳо мушкил аст, пурсишшаванда ҳуқуқ дорад аз ҳуҷҷатҳо ва сабтҳое, ки бо ташаббуси муфаттиш ва бо ризои ё бо хоҳиши пурсишшаванда метавонанд ба парванда дохил карда шаванд, истифода барад» [9].

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) як боби том ба ҳифзи «иттилооти компютерӣ» аз таҷовузҳои ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар баробари ин, дар кодекс мафҳуми «иттилооти компютерӣ» ҳамчун предмети таҷовузи ҷиноятӣ мавҷуд нест. Аммо таҳлили моддаҳои алоҳидаи боби 28 КҶ ҶТ (моддаҳои 298, 299, 301) имкон медиҳад ба хулосае омад, ки зери мафҳуми «иттилооти компютерӣ» дар қонуни ҷиноятӣ иттилооте, ки дар система ё шабакаи компютерӣ, ё дар маҳзани мошинҳо мавҷуданд, фаҳмида мешавад [10].

Набудани мафҳуми дақиқи ҷиноятӣ-ҳуқуқии иттилооти электронӣ-рақамӣ ва фаҳмиши ягонаи моҳияти ин истилоҳ ба он оварда расонд, ки доираи олимон мафҳуми мазкурро ба шаклҳои гуногун шарҳ медиҳанд. Масалан, В. Мещеряков онро хамчун иттилооте, ки дар шакли махсус ифода ёфтааст, мефаҳмад [12, с. 46]. Ба ин мафҳум нуктаи назари М.В. Старичков наздик мебошад. Ӯ зери ин мафҳум вожаи иттилооти компютериро истифода мебарад. Ба ақидаи ӯ, иттилооти компютерӣ ин маълумотест, ки дар ҳомили моддӣ сабт шудааст, дар шакле, ки барои коркард дар дастгоҳҳои компютерӣ мувофиқ аст ва барои истифода дар чунин дастгоҳҳо пешбинӣ шудааст [14, с. 20].

Дар ҳамин ҳол, бархе аз доираҳои илмӣ хориҷ кардани вожаи“компютер”-ро аз мафҳуми “иттилооти компютерӣ” зарур медонанд ва ба ҷойи он пешниҳод мекунанд, ки мафҳуми “иттилооти электронӣ-рақамӣ” истифода шавад. Чунончи, П.Г. Смагин бар ин назар аст,

ки агар иттилоот на дар компютер, балки, масалан, дар камераи рақамӣ сохташуда бошад, пас, он дигар компютерӣ нест, аммо он ба ҳар ҳол дар шакли рақамӣ сабт мешавад ва ҳангоми ба компютер интиқол додани он таҳриф ба амал намеояд [13, с. 80]. Албатта, ин нуқтаи назар боиси дастгирист, зеро бо пайдоиши шумораи зиёди дастгоҳҳои рақамӣ, аз қабили телефонҳои мобилӣ, диктофонҳои рақамии сабти овоз, камераҳои наворбардор, мафҳуми «компютер» бояд аз муомилот дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор хориҷ карда шавад, зеро ин ҷо танҳо дар бораи дастгоҳҳои рақамӣ сухан рондан мумкин аст.

Мафҳуми «иттилооти рақамӣ»-ро Н.А. Иванов дақиқ ва муносибтар тафсир додааст, ки аз назари ӯ «иттилооти рақамӣ» - маълумоте мебошад, ки дар дастгоҳҳои хотираи васоити компютерӣ ва дигар таҷҳизоти микропротсессорӣ ворид, коркард ва нигоҳдошта мешавад ё тавассути ҳама гуна каналҳои алоқа интиқол дода мешавад, шакл дорад ё дар шакли сигналҳои дискретӣ сабт карда шудааст [7, с. 96].

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ масъалаи мансуб донистани иттилооти электронӣ-рақамӣ ба ин ё он намуди далелҳо баҳснок аст ва дар ин бора якчанд нуқтаи назар вуҷуд дорад.

Аввал ин ки, иттилооти электронӣ-рақамӣ ба намудҳои маъмулии далелҳо, яъне, дигар ҳуҷҷатҳо ё далелҳои шайъӣ мансуб дониста мешавад. Чунин мавқеъро С.П. Ворожбит ишғол кардааст, ки мувофики андешаи ӯ, агар хосиятҳои моддии предмет арзиши исботӣ дошта бошанд, он гоҳ ин гуна предметро далели шайъӣ эътироф кардан лозим аст, вале агар мундариҷаи маънoии предмет арзиши криминалистӣ дошта бошад, он гоҳ онро ҳамчун ҳуҷҷати дигар бояд муайян кард [4, с. 25].

Тарафдорони нуқтаи назари дигар бар он андешаанд, ки иттилооти электронӣ-рақамӣ дорои вижагиҳои хоссест, ки онро аз дигар ҳуҷҷатҳо ва далелҳои шайъӣ фарқ мекунад ва аз ин рӯпешниҳод мекунанд, ки он ҳам чун навъи ҷадиди далелэътирофкарда шавад [8, с. 99-103]. Фикр мекунем, ин нуқтаи назар дуруст аст, зеро иттилооти электронӣ-рақамӣ, ба фарқ аз ҳуҷҷатҳо, аз ҷониби шахс тартиб дода намешавад, балки тавассути интихоб кардани фармонҳои муайян ё сабти равандҳо дар муҳити атроф бо истифода аз дастгоҳҳои техникӣ ба вуҷуд меояд. Иттилооти электронӣ-рақамиро бидуни истифодаи дастгоҳҳои техникӣ фаҳмидан номумкин аст, дар ҳоле ки ҳуҷҷат ва далелҳои шайъӣ барои дарки бевоситаи инсон даст расанд.

Инчунин, нуқтаи назаре вуҷуд дорад, ки тибқи он эътирофи иттилооти электронӣ-рақамӣ ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ қатъиян рад карда мешавад. Чунончӣ, А.М. Баранов чунин мешуморад, ки далелҳои электронӣ-рақамӣ танҳо як ғалати тасаввур (иллюзия), сайри хаёлоти (фантазияи) муаллифон аст. Ягона манбаи (барандаи) далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамеша шахс мебошад. Далел (иттилоот, маълумот) танҳо дар шуури инсон вуҷуд дорад. Протоколҳои амалҳои тафтишӣ, дигар ҳуҷҷатҳо ва далелҳои шайъӣ барандагони (манбаъҳои) иттилоот нестанд, балки нигоҳдорандагони он ба ҳисоб мераванд. Муҳити электронӣ-рақамӣ, аз ҷумла интернет, воситаҳои электронии нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилоот нигоҳдорандагони иттилоот ба ҳисоб мераванд, на далелҳои шайъӣ ва далелҳои электронӣ. Сарчашма шахсе мебошад, ки онҳоро дар дастгоҳи электронӣ нигоҳ медорад ё онҳоро аз муҳити электронӣ ё дастгоҳи электронӣ гирифтааст [3, с. 64-69].

Мо бар ин назарем, ки бо ин ақидаи А.М. Баранов розӣ набояд шуд, зеро ба ҳайси манбаи иттилооти рақамӣ ба ғайр аз шахс (инсон), метавонанд шахсони ҳуқуқӣ ва корхонаю муассисаҳои гуногун баромад кунанд. Инчунин, имконият вуҷуд дорад, ки дар рафти тафтишоти пешакӣ, аз ҷумла, зимни азназаргузаронӣ аз ҷойи ҳодиса, дастгоҳҳои рақамии бесоҳиб, ки дорои иттилооти

исботкунанда мебошанд, дарёфт карда шаванд.

Бояд зикр кард, ки хусусияти асосии фарққунандаи иттилооти электронӣ-рақамӣ мавҷудияти ҳомили электронӣ мебошад, ки бидуни он вуҷуд дошта наметавонад.

Дар КМҶ ҶТ истилоҳи «ҳомили электронии иттилоот» во намехӯрад. Ба ҷойи ин, ибораи «сарчашмаҳои электронии иттилоот» истифода мешавад. Мувофиқи қ. 2 м. 82 кодекси мазкур, сарчашмаҳои электронии иттилоот - ҳамчун яке аз намуди далелҳо, ба қатори дигар ҳуҷҷатҳо дохил карда шудаанд, ки ба андешаи мо, ин начандон дуруст аст. Инчунин, муқаррароти ҳамин моддаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба сифати далели шайъӣ эътироф намудани онҳоро истисно намекунад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» аз соли 2002 истилоҳи «ҳомили мошинӣ» мавҷуд аст, ки аз рӯйи мафҳум маънои «ҳомили электронии иттилоот»-ро дорад.

Мувофики моддаи 1-и Қонун, ҳомили мошинӣ – диски магнитӣ, лентаи магнитӣ, диски лазерӣ ва дигар ҳомилҳои моддӣ, ки дар сабту нигоҳдории маълумот ба воситаи техникаи электронию ҳисоббарор истифода бурда мешаванд [11]. Дар ҳақиқат, шояд дар замони қабули Қонун ин мафҳум ба талаботи ҳамонвақта нисбат ба манбаъҳои электронии иттилоот ҷавобгӯ буд. Аммо, бо назардошти рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар ду даҳсолаи охир, зарурати такмили он ба миён омадааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба масъалаи «ҳомили (манбаи) электронии иттилоот» андешаҳои гуногун мавҷуданд. Чунончӣ, А.А. Балашова дар рисолаи илмии худ таърифи ин истилоҳро дар робита ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ таҳия кардааст. Вай бар ин назар аст, ки «ҳомили электронии иттилоот ин воситаи техникӣ буда, аз ҷиҳати сохт барои нигоҳдоштани иттилоот дар шакли электронӣ-рақамӣ, ки барои коркард бо истифода аз воситаҳои техникии ҳисоббарор мутобиқ аст, пешбинӣ шудааст» [2, с. 28]. Албатта, мафҳуми зикршуда дар маҷмуъ моҳияти предмети баррасишавандаро мекушояд, вале он тамоми маҷмӯи имкониятҳои ҳомили электронии иттилоотро оид ба сабт, интиқол ва аз нав ҳосил шуданро фаро намегирад.

